СОЗИ ВАТАНДОРИИ ФУРҚАТ САИДЗОДА с. 9

78 МЛН ДОЛЛАР САРМОЯ БА СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ с. 2

КУРУШ ЧӢ ТАВР ЯҲУДИЁНРО АЗ МАҲВШАВӢ НАҶОТ ДОД? с. 5

ТОҶИКИСТОН

№ 14 (1678), 8.04.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992







ДАР ИН ШУМОРА:

СИЁСАТ
Талош барои ҳамгироии нав дар минтақа с.3

ҲУШДОР
Ҳоҷиён дар домии қаллобон с.6

$1,8 МИЛЛИАРД
Тиҷорати хориҷии Тоҷикистон с.7

КӮЛОБ
Бездошти қотили 4 нафар с.10

НОЗИР ЁДГОРӢ:
Вуҷуди ман барои дилнавозист… с.13

КАНЗИ ШИФО
Мубориза бо бемориҳои апрелӣ с.12

ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ
7 самти афзалиятнок кадомҳоянд? с.11

ВАРЗИШ
Дастоварди Миҷгона Самадова ва Некрӯз Салимов с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

$78 000 000 БАРОИ ТАНДУРУСТӢ

Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бахши тандурустӣ ёддошти тафоҳум ба маблағи 78 миллион доллар ба имзо расониданд.

Санади мазкур рӯзи 6-уми апрел аз ҷониби вазири тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода ва кордори Сафорати Амрико дар Душанбе Релитс Рокер ба имзо расид.

Ба иттилои Вазорати тандурустӣ, ин созишнома ҳамкориҳоро барои панҷ соли оянда дар бар гирифта, дар доираи он барои рушди соҳаи тандурустии кишвар 78 миллион доллар равона мешавад.

Аз ин маблағ 40 миллион доллар саҳми Тоҷикистон ва 38 миллион доллар саҳми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад.

Тибқи созишнома, маблағҳо барои пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳо, аз ҷумла ВНМО ва сил, вокуниш ба бемориҳои сироятӣ, такмили шабакаҳои озмоишгоҳӣ, рушди низомҳои иттилоотӣ ва беҳтарсозии механизмҳои ҳамоҳангсозӣ истифода хоҳанд шуд. Дар назар аст, ки дар доираи ин барнома шумораи мутахассисони соҳаи тиб зиёд гардида, бо ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ сатҳи хизматрасонии тиббӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.



ҲАМАГӢ 10 НАФАР БОҚӢ МОНДАНД

Дар Тоҷикистон ҳамагӣ даҳ иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қайди ҳаёт ҳастанд. Бино ба иттилои Шурои собиқадорони ҷанг ва меҳнати кишвар, сафи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки соли 1941 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок карданд ва дар қайди ҳаёт ҳастанд, кам шудааст.

Гуфта мешавад, ки дар давраи ҷанг 300 ҳазор нафар аз ҷумҳурӣ ба ҷабҳа рафта, беш аз 90 ҳазори онҳо дигар ба Ватан барнагаштанд.

Тибқи иттилои Шурои собиқадорони ҷанг ва меҳнати Тоҷикистон, 56 ҳазор нафар барои хидматҳои ҳарбӣ бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шудаанд.

Ғайр аз ин, 56 сокини ҷумҳурӣ Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ ва 21 нафар Кавалерҳои пурраи Ордени Шуҳрат мебошанд.

Ғайр аз ин, тибқи маълумоти расмӣ, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ 100 ҳазор сокин аз саросари ИҶШС ба Тоҷикистон кӯчонида шуда буданд.

САРМУҲОСИБ 11 СОЛ ҲАБС ШУД

Суди ноҳияи Варзоб сармуҳосиби беморхонаи марказии ноҳия Бахтовар Сиддиқовро бо иттиҳоми тасарруфи маблағҳои буҷа ба 11 соли маҳрумият аз озодӣ маҳкум кард. Ҳукм рӯзи 6-уми март содир шудааст.

Тибқи маълумоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон, номбурда дар давоми солҳои 2022-2025 бо истифода аз мақоми хизматӣ маош ва дигар пардохтҳои кормандонро барзиёд нишон дода, дар маҷмуъ 1 миллиону 147 ҳазору 744 сомониро ба суратҳисоби худ гузаронида, тасарруф кардааст.

Ҳамзамон, ӯ бо роҳи тартиб додани ҳисоботҳои бардурӯғ аз чанд муассисаи давлатии дигар 247 ҳазору 440 сомонӣ маблағро азхуд намудааст.

ЯК РӮЗИ САФИРИ ФАРОНСА

Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Парвати Рамасвами Дария Бобоалиеваро дар доираи ибтикори «Сафир барои як рӯз» истиқбол намуд.

Ин барнома ба иштирокчӣ имкон фароҳам оварда, то роҳбарият ва дипломатияро дар амал аз наздик омӯзад.

Зикр гардид, ки ин ибтикор бори сеюм амалӣ гардида, мавзуи имсола ба масъалаҳои об ва зеҳни сунъӣ бахшида шудааст.

Дар ҷараёни барнома Дария фаъолияти Ҳамоҳангсози доимиро аз наздик пайгирӣ намуда, дар ҷаласаи Дастаи кишварии СММ иштирок кард. Дар ин нишаст масъалаҳои марбут ба ҷалби ҷавонон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин, ӯ дар як қатор вохӯриҳои муҳим иштирок намуда, бо фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон ҷиҳати ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор аз наздик шинос гардид.

САРИ САБЗ



Раҳмиддин САЛОМЗОДА, муовини Раиси шаҳри Душанбе

Ронандагонро мебояд, пеш аз ҳама одоби муошират, реҷаи ҳаракат, сарулибоси тавсияшуда, экипировка (лавозимоту либоси хос)-и муайянгардида, сабқат накардан, таъмини ҳаракати бонизом ва бехатари воситаҳои нақлиёти мусофирбар ва дигар талаботи мавҷудаи соҳаро қатъиян риоя намоянд.

- Яъне, барои ронандагӣ танҳо газ додан кифоя нест, каме одоб, каме сабр, каме ақл ҳам даркор будааст.



Сайёфи МИЗРОБ, сардабири “СССР”

Ҳамин ҳоло латифае ёдам омад, ки рӯйи тоқии чакане 2700-солагии Кулоб навишташударо хонда, муллое, дар н. Восеъ, ки дар собиқ ГАИшник будааст, сафро рост кардан шуда, бонг мезанад:

-Бисту ҳафту нол нол!!! Сафро рост кунед!

- Бечора, то ҳол фикр мекунад, ки мардум намоз не, техосмотр гузашта истодаанд!



Мукимҷон АБДУФАТТОЕВ, роҳбари “Ҳандинкамон”

- Албатта, имрӯзҳо дар шабакаҳои ичтимоӣ баъзе ҳаҷвнигорону блогерон наворҳои ҳаҷвӣ мегузоранд, аммо на ҳар як лаҳзаи шӯхӣ метавонад ҷойгузини ҳаҷви воқеӣ бошад. Барои рушди ин соҳа мактаби махсуси ҳаҷв таъсис додан зарур аст.

- Ҳммм, солҳост, ки ҳамин андеша дар фазои расонаҳо ва баҳсҳои равшанфикрон мечархад. Хайр, ку боз интизор шавем, шояд шумо мактаби махсуси ҳаҷв таъсис диҳед ва мушкил ҳал шавад.

МУЛОҚОТИ ДАЛЕР ҶУМЪА БО РАИСИ ҶУМҲУРИИ ТОТОРИСТОН

Дар шаҳри Қазон мулоқоти вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо раиси Ҷумҳурии Тотористон Рустам Минниханов доир шуд.

Мулоқот дар ҳошияи Форуми байналмилалии электроэнергетикии Қазон - «ЭНЕРГОПРОМ» баргузор гардид. Далер Ҷумъа ба Рустам Минниханов барои истиқболи самимӣ ва меҳмоннавозӣ изҳори сипос намудааст. Зимнан, сатҳи баланди ташкил ва баргузории Форуми байналмилалии электроэнергетикии Қазон - «ЭНЕРГОПРОМ» махсус таъкид шудааст. Гуфта шудааст, ки имрӯз барои рушди ҳамкории бисёрҷониба байни Ҷумҳурии Тотористон ҳамчун яке аз минтақаҳои пешрафтаи саноатии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон имконоти фаровон мавҷуданд. Ҷонибҳо ба густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои электроэнергетика, нафту газ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ҷалби сармоя, табодули таҷриба ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

93,3% МАКТАБҲО БА “EDONISH” ПАЙВАСТАНД

Дар пойтахт 93,3 фоизи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба барномаи электронии “eDonish” пайваст гардида, раванди таълими зиёда аз 309 ҳазор хонанда тавассути он назорат мешавад.

Дар ин бора зимни ҷаласаи мушовара оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳаи маорифи шаҳри Душанбе дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ иттилоъ дода шуд. Зимни ҷаласа масъулин таъкид карданд, ки ба масъалаи рақамикунонии соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Қайд гардид, ки татбиқи барномаи иттилоотии “Kudak.tj” дар муассисаҳои томактабӣ ва “eDonish” дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷумлаи қадамҳои муҳим дар самти гузариш ба идоракунии рақамии соҳа мебошанд. Ба гуфтаи масъулин, таъмини сифати таҳсилот ва баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии хонандагон аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба шумор меравад.



ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА АФҒОНИСТОН

талош барои ҳамгироии ҷадид дар минтақа

5-уми апрел дипломатҳо аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Кобул бо Амирхон Муттақӣ, вазири умури хориҷии ҳукумати Толибон дидору гуфтугӯ кардаанд. Бино ба гузориши BBC-и форсӣ ин мулоқот рӯзи 5-уми апрел бо ҳузури намояндагон аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон баргузор шудааст. Ёдовар мешавем, ки ин нахустин ҳамоиш баъди ба сари қудрат омадани Толибон дар соли 2021 аст.

ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО

Тибқи иттилои расонаҳои форсизабон, аз ҷумла BBC Persian ва DW Persian, дар ин нишаст намояндагони ҳукумати Толибон, инчунин дипломатҳои кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон иштирок доштанд.

Ҳадафи расмии нишаст, ба гуфтаи вазири корҳои хориҷии Толибон Амирхон Муттақӣ, “тақвияти ҳамоҳангии дипломатӣ, густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва транзитӣ ва тарҳрезии як роҳи ҳамаҷониба барои ҳамгироии минтақавӣ” будааст.

Аз ин метавон хулоса кард, ки Толибон мехоҳанд худро ҳамчун як шарики қобили эътимод дар минтақа муаррифӣ кунанд.

СИЁСАТИ “ТАВОЗУН ВА ИҚТИСОДМЕҲВАР”

Амирхон Муттақӣ дар суханронии худ таъкид кардааст, ки сиёсати хориҷии ҳукумати Толибон бар пояи “тавозун ва иқтисодмеҳварӣ” асос ёфтааст. Ӯ аз зарурати “бародарии исломӣ, ҳамсоягии нек, эҳтироми мутақобил ва ҳамкорӣ” ёдовар шудааст.

Ин суханон дар заминаи вокеиятҳои сиёсӣ маънои хос доранд. Пас аз соли 2021 ҳукумати Толибон аз ҷониби аксари кишварҳои ҷаҳон ба таври расмӣ эътироф нашудааст. Аз ин рӯ, барои онҳо кишварҳои ҳамсоя, бахусус давлатҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти стратегӣ доранд.

Ба гуфтаи манбаъҳо, дар соли 2025 ҳаҷми тиҷорат байни Афғонистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба 2,7 миллиард доллар расидааст. Кобул ният дорад, ки дар чанд соли оянда ин рақамро то 10 миллиард доллар расонад.

Ин ҳадаф, агарчи хушбинона менамояд, аммо нишон медиҳад, ки иқтисод дар маркази сиёсати нави Кобул қарор гирифтааст. Дар ин нишаст ҳам ҳамкории иқтисодӣ дар мадди аввал қарор доштааст. Дар “Гуфтугӯйи машваратии Афғонистон ва Осиёи Марказӣ” лоиҳаҳои муҳими минтақавӣ, аз ҷумла “ТАПИ”, “CASA-1000” ва “Афғон-Транс” ҳамчун тарҳҳои калидӣ барои таҳкими ҳамкориҳо номбар шудаанд.

Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Туркманистон менависад, ки то имрӯз 25 километр қубур дар масири марзии Ҳирот - Туркманистон дар лоиҳаи лӯлаи гази ТАПИ гузошта шудааст ва 120 километри дигар барои оғози корҳои сохтмонӣ пурра омода аст.

Хоҷа Авезов, сафири Туркманистон тасдиқ кардааст, ки “сатҳи амният дар Афғонистон” имкон додааст ва татбиқи лоиҳаҳои фарогир ба марҳилаи анҷомёбӣ наздик асту то охири соли 2026 ба анҷом мерасад.

Гуфта мешавад, ки ин иқдом Ҳиротро ба аввалин маркази бузурги саноатӣ табдил медиҳад, ки мустақиман аз конҳои Туркманистон таъмин мешавад.

МУНОСИБАТ БО ТОҶИКИСТОН

Яке аз нуқтаҳои ҷолиби ин нишаст иштироки намояндаи Тоҷикистон буд. Зеро аз рӯзҳои нахустини ба сари қудрат расидани Толибон, гуфта мешавад, ки Душанбе расман бо онҳо муносибат надорад. Тоҷикистон борҳо аз зарурати ташкили ҳукумати фарогир дар Афғонистон ва ҳифзи ҳуқуқи тоҷикон дар он кишвар сухан гуфтааст.

Вале, иштироки дипломати тоҷик дар “Гуфтугӯйи машваратии Афғонистон ва Осиёи Марказӣ” ҳадсу гумонҳоро дар мавриди нармтар шудани мавқеи Тоҷикистон нисбат ба Толибон ба вуҷуд овардааст.

Саъдӣ Шарифӣ, сафири Тоҷикистон дар Афғонистон тибқи иттилои BBC форсӣ “ба таври ғайримустақим аз нерӯҳои амниятии Толибон барои таъмини хуби амният дар марз қадрдонӣ кардааст”.

Хабаргузории BBC дар такя ба Вазорати корҳои хориҷии ҳукумати Толибон навиштааст: “Ҷаноби Саъдӣ Шарифӣ амнияти Афғонистон ва муносибат бо онро яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ қарор додааст”.

Мақомоти Тоҷикистон дар ин бора расман иттилоъ надодаанд.

АЗ АМНИЯТ ТО ТРАНЗИТ

Дар нишасти Кобул масъалаҳои калидии минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла ҳамкориҳои сиёсӣ, рушди иқтисодӣ, ҳамкорӣ дар бахши амнияти минтақа, савдо ва транзит.

Афғонистон бо ҷойгиршавии ҷуғрофӣ метавонад ба як пули муҳим миёни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ табдил ёбад. Ин нақш барои кишварҳо, ки ба бозорҳои бахрӣ дастрасии мустақим надоранд, хеле муҳим аст.

Бо вуҷуди ин, масъалаи амният ҳамоно яке аз монеаҳои асосӣ боқӣ мемонад. Гарчанде намояндагони Толибон аз беҳбуди вазъ сухан мегӯянд, нигарониҳо дар бораи гурӯҳҳои ифротӣ ҳанӯз пурра аз байн нарафтаанд.

ОМИЛИ ПОКИСТОН ЧӢ ТАЪСИР БА МИНТАҚА ДОРАД?

Ҳамзамон бо нишасти Кобул, дар шаҳри Урумчии Чин музокироти миёни намояндагони Толибон ва Покистон идома дошт. Ин гуфтушунидҳо, ба гуфтаи расонаҳо, ба масъалаи танишҳои ахир миёни ду кишвар бахшида шудаанд.

Муносибатҳои Кобул ва Исломобод аз моҳи октябри соли гузашта ба ин сӯ сард шудаанд. Ин танишҳо на танҳо ба равобити ду кишвар, балки ба тиҷорати минтақа низ таъсир расонидаанд.

Амирхон Муттақӣ дар ин замина таъкид кардааст, ки Кобул мехоҳад мушкилотро “аз роҳи муколама ва тафоҳум” ҳал кунад, аммо ҳамзамон аз “тамомияти арзӣ ва манфиатҳои миллӣ” дифоъ хоҳад кард.

Иштирокчиёни нишасти Кобул низ аз музокироти ҷараёнгирифта дар Чин дастгирӣ намуда, ба ҳалли осоиштаи ихтилофҳо даъват кардаанд.

Нишасти Кобул чӣ натиҷа медиҳад? Он як мулоқоти дипломатӣ барои оғози ҳамкориҳо аст ё як ҳамгироии нав дар Осиёи Марказӣ? Инро вақт нишон хоҳад дод.

О. СОҲИБЗОДА

10 ШАРТИ ЭРОН ВА МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН

Эрон ва Амрико эълон карданд, ки 8-уми апрел ба як оташбаси дуҳафтаӣ, ки бо миёнҷигарии Покистон ба даст омадааст, мувофиқат кардаанд.

Нахуст, Доналд Трамп, президенти Амрико чанд соат қабл аз зарбулаҷали таъинкардааш дар бораи ҳамла ба зерсохтҳои муҳими Эрон аз ин оташбас хабар дод ва гуфт, ки бо пешниҳоди Покистон ва ба шарти бозкушоии "пурра, фаврӣ ва бехатар"-и гулӯгоҳи Хурмуз бо он розӣ шудааст. Ӯ иддао кард, ки далели ин кор ин аст, ки Амрико "ба ҳамаи ҳадафҳои низомии худ" расидааст.

"Мо аз Эрон пешниҳоди 10-бандие гирифтем ва боварӣ дорем, ки он заминаи амалие барои музокирот аст. Қариб ҳамаи нуктаҳои гуногуни ихтилофҳои гузашта байни Иёлоти Муттаҳида ва Эрон мувофиқа шудааст, аммо муҳлати дуҳафтаина имкон медиҳад, то созиш ниҳоӣ ва қатъӣ шавад",- навиштааст Трамп дар саҳифаи "Truth Social"-и худ.

Пас аз изҳороти Трамп, Шурои олии амнияти миллии Эрон ва баъд аз он Аббос Арақчӣ, вазири корҳои хориҷии ин кишвар ҳам аз мувофиқа бо оташбаси дуҳафтаӣ бо Амрико хабар доданд.

Шурои олии амнияти миллии Эрон дар изҳороте гуфт, ки Иёлоти Муттаҳида пешниҳоди 10-бандии Ҷумҳурии Исломиро қабул кардааст.

Дар тарҳи пешниҳодкардаи Эрон барои сулҳ аз ҷумла нуктаҳои зерин зикр шудаанд:

1. Ҷанг дар ҳама ҷабҳаҳо, аз ҷумла дар Лубнон қатъ карда мешавад;
2.Амрико аҳд мебандад, ки дигар ба Эрон ҳамла накунад;
3. Эрон назорат бар тангаи Ҳурмузро идома медиҳад;
4. Амрико ғанисозии уран аз сӯйи Эронро мепазирад;
5. Ҳама таҳримҳо зидди Эрон бардошта мешаванд;
7. Ҳамаи қарорҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва Шурои ҳукком Оҷонсии байналмилалии нерӯи ҳастаӣ поён дода мешаванд;
8. Зарарҳои расида ба Эрон пардохт карда мешавад;
9. нерӯҳои амрикоӣ аз Ховари Миёна хориҷ мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқдоми оташбаси дуҳафтаинаи ҷанг, ки байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба даст омадааст, истиқбол кард. Дар изҳороте, ки 8-уми апрел дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон нашр шуд, омадааст: "Ҷумҳурии Тоҷикистон созишҳоро вобаста ба оташбас, ки байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба даст омадаанд, бо хушнудӣ истиқбол менамояд. Умедворем, ки музокираҳои дар рӯзҳои наздик байни тарафҳои низоъ пешбинишуда ба сулҳи дарозмуддат ва ҳамаҷониба дар минтақа оварда мерасонанд".

Қарор аст Эрон ва Амрико рӯзи ҷумъа, 10-уми апрел дар Покистон бар сари мизи музокира шинанд.

ФАВРӢ

БАЪД АЗ ОТАШБАС

Ба навиштаи хабаргузории "Меҳр", чанд соат пас аз эълони оташбаси дуҳафтаӣ миёни Эрон ва Амрико ба полоишгоҳи Лавони Эрон ҳамла сурат гирифтааст. Ширкати миллии полоиш ва пахши фаровардаҳои нафти Эрон ин хабарро тасдиқ карда, гуфтааст, ки ҳудуди соатҳои 10-и рӯзи чоршанбе (ба вақти маҳаллӣ) ин полоишгоҳи нафт "мавриди ҳамлаи ноҷавонмардонаи душманон қарор гирифт". Ба гуфтаи манбаъ, ин ҳамла талафоти ҷонӣ надоштааст ва оташнишонҳо дар ҳоли хомӯш кардани сӯхтор дар полоишгоҳанд.

Манбаи ин ҳамла то кунун эълон нашудааст ва касе ҳам онро ба дӯш нагирифтааст.

Соате пас мақомоти Иморот ва Кувайт эълон карданд, ки Эрон бо мушаку паҳпод ба хоки онҳо ҳамла кардааст.

Артиши Кувайт дар изҳороте гуфтааст, ки "28 паҳпод" ба ин кишвар шиллик шудааст, вале "теъдоди зиёд"-и онҳоро раҳгирӣ кардааст. Аммо ба гуфтаи ин ниҳод, ҳамлаи имрӯз "ба таъсисоти нафтӣ, нерӯгоҳҳои баркӣ ва обширинкун"-и Кувайт "зарари назаррас" расонидааст.

Вазорати дифои Иморат ҳам гуфтааст, ки имрӯз "бо 17 мушакҳои болистик ва 35 паҳподи Эрон" муқобилият кардааст. Ҷузъиёти дигар ва хисороти эҳтимолии ин ҳамлаҳо маълум нест.



ТАНАФФУС ПЕШ АЗ ТЎФОН

Ховари Миёна куҷо меравад?

То 8-уми апрели соли 2026 Ховари Миёна ба марҳилае расид, ки дар он ҳар хабари сиёсӣ метавонад сарнавишти як минтақа, бозори ҷаҳонии нафт ва амнияти байналмилалиро дигар кунад. Эълони оташбаси муваққатии дуҳафтаина миёни Иёлоти Муттаҳида, Исроил ва Эрон аз як тараф умеди коҳиши танишро зинда кард, аммо аз ҷониби дигар, идомаи нооромӣ дар Лубнон ва боқӣ мондани гиреҳҳои аслиро нишон медиҳад, ки минтақа ҳанӯз аз сулҳи воқеӣ хеле дур аст.

Ховари Миёна имрӯз дар марҳилаест, ки ҳар лаҳзаи он метавонад ба таърихи нав табдил ёбад. Эълони оташбаси муваққатии дуҳафтаина миёни ИМА, Исроил ва Эрон, ки расонаҳои бонуфузи ҷаҳон онро муҳимтарин хабари рӯз номидаанд, дар назари аввал нишони фурӯ нишастани оташ менамояд. Аммо дар асл, ин бештар ба нафаси кӯтоҳе шабоҳат дорад, ки минтақаро ба бухрон мекашад, на ба раҳоӣ аз он.

Reuters хабар медиҳад, ки Исроил ба таваққуфи зарбаҳо нисбат ба Эрон мувофиқат кардааст, вале ҳамзамон таъкид намудааст, ки Лубнон ба ин доира дохил нест. Ин нишон медиҳад, ки яке аз муҳимтарин меҳвари даргирӣ ҳанӯз боз мондааст.

Маънои ин таҳаввул он аст, ки хатари рӯёрӯии мустақим миёни қудратҳо муваққатан поин рафтааст, аммо худи манбаи ноамнӣ аз байн нарафтааст. Агар як ҷабҳа ором шавад, ҷабҳаи дигар метавонад дубора аланга гирад. Аз ҳамин ҷост, ки дар фазои сиёсиву низомии минтақа ҳанӯз эҳсоси субот ба вуҷуд наомадааст. Оташбаси имрӯз бештар як созиши эҳтиётӣ аст, ки тарафҳо барои пешгирӣ аз таркиши бузургтар пазируфтаанд.

Associated Press менависад, ки ин созиш дар пасманзари фишорҳои шадиди дипломатӣ ва нигаронихои рӯзафзуни байналмилалӣ ҳосил шудааст. Дар маркази ин нигаронихо, пеш аз ҳама, масъалаи гулӯгоҳи Ҳурмуз қарор дорад. Ҳурмуз танҳо як гузаргоҳи ҷуғрофӣ нест, он раги зиндаи иқтисоди ҷаҳон аст. Ҳар нооромӣ дар он ҷо ба бозори нафт, нархи сӯзишворӣ ва амнияти энергетикии кишварҳои зиёде таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, эълони коҳиши таниш дар атрофи Эрон фавран ба бозорҳои ҷаҳонӣ таъсир гузошт ва нишонаҳои оромиш дар савдои нафт падид омад.

Аммо оромии бозор ҳамеша маънои оромии воқеиро надорад. Зеро дар баробари эълони оташбас, ихтилофҳои асосӣ ҳанӯз ҳалли худро наёфтаанд. Эрон, тибқи гузоришҳо, мавқеи худро дар масъалаҳои таҳримҳо, дороиҳои масдудшуда ва низоми идораи амнияти бахрӣ ҳифз кардааст. Ин чунин маъно дорад, ки созиши ҳозира бештар ба муҳлати бознигарии тарафҳо монанд аст, на ба созиши ниҳоӣ. Ҳанӯз ҳеч нишонае нест, ки ин ихтилофҳои аслӣ ба таври бунёдӣ бартараф шудаанд.

Дар ҳамин ҳол, Лубнон ба як нуқтаи нозуктарини ин бухрон табдил ёфтааст. Вақте худи Исроил мегӯяд, ки Лубнон аз оташбас берун мемонад, пас маълум аст, ки майдони эҳтимолии идомаи даргирӣ ҳанӯз боз аст. Ин на танҳо барои худи Лубнон, балки барои тамоми минтақа паёми хатарнок дорад. Чун тачрибаи Ховари Миёна борҳо исбот кардааст: ҷангҳое, ки дар як марз оғоз мешаванд, аксаран дар марзи дигар васеъ мегарданд.

Яке аз омилҳои дигари муҳим музокироти пешбинишуда миёни ИМА ва Эрон аст, ки тибқи гузоришҳо, бояд 10-уми апрел дар Исломобод баргузор шавад. Агар ин музокирот ба забони муштарак нарасад, эҳтимоли он вуҷуд дорад, ки оташбаси кунунӣ танҳо ба як танаффуси кӯтоҳи сиёсӣ табдил ёбад. Яъне, минтақа айни замон на дар марҳилаи сулҳ, балки дар марҳилаи санҷиши иродаи сиёсӣ қарор дорад.

Дар чунин шароит, Ховари Миёна миёни умед ва эҳтиёт истодааст. Умед аз он ҷиҳат, ки ҳатто як танаффуси кӯтоҳ метавонад аз густариши ҷанг ҷилавгирӣ кунад. Эҳтиёт аз он ҷиҳат, ки ҳанӯз омили аслии таниш - беэътимодӣ, рақобати геополитикӣ ва гиреҳҳои ҷамъшудаи солҳои дароз боқӣ мондаанд. Ба ҳамин сабаб, агар имрӯз касе аз сулҳи пойдор сухан гӯяд, шояд бармаҳал бошад. Вале агар касе гӯяд, ки ҳар гуна фурсати дипломатӣ дигар аҳамият надорад, низ иштибоҳ мекунад. Зеро дар чунин лаҳзаҳо ҳатто ду ҳафта оромӣ метавонад аз ду моҳи ҷанг пурқиматтар бошад.

Хулоса, оташбаси кунунӣ дар Ховари Миёна набояд ҳамчун поёни буҳрон, балки ҳамчун имтиҳони нави дипломатия фаҳмида шавад. Минтақа ҳоло ба сулҳ нарасидааст, аммо шояд ба як фурсати нодири бозандешӣ расида бошад. Агар ин фурсат ба музокираи ҷиддӣ, ба коҳиши беэътимодӣ ва ба тавофуқҳои амалгароёна табдил наёбад, пас оромии имрӯз танҳо муқаддимаи нооромиҳои фардо хоҳад шуд. Сулҳи ҳақиқӣ он вақт оғоз меёбад, ки силоҳҳо танҳо хомӯш нашаванд, балки иродаи сиёсӣ низ аз забони таҳдид ба забони масъулият гузарад.

КУРУШИ КАБИР

чӣ гуна яҳудиёнро аз маҳвшавӣ наҷот дод?



Қадршиносӣ танҳо эҳсос нест, вичдони зиндаи таърих аст. Мардум метавонанд бисёр чизҳоро фаромӯш кунанд, аммо некиеро, ки сарнавишташонро дигар кардааст, аз ёд намебаранд. Хотираи халқ бо адолати худ зинда аст: он касонеро нигоҳ медорад, ки на танҳо пирӯз шуданд, балки умед бахшиданд, на танҳо ҳукмронӣ карданд, балки инсонро ҳифз намуданд.

«АММО ТАЪРИХ НА ТАНҲО ДАР ХОТИРА, БАЛКИ ДАР АСНОДИ ОН НИЗ САБТ МЕШАВАД. ВА МАҲЗ ҲАМИН САНАДҲО ШАҲОДАТ МЕДИҲАНД, КИ НАҚШИ КУРУШИ КАБИР ДАР САРНАВИШТИ МИЛЛАТИ ЯҲУД ВОҚЕИЯТЕСТ, КИ ИНКОРИ ОН ҒАЙРИИМКОН МЕБОШАД.

АСОРАТ ВА ШИКАСТИ ЯҲУДИЁН

Соли 586 пеш аз милод, тибқи манобеи таърихӣ ва матнҳои муқаддас, подшоҳи Бобул Навуходоносор II Уршалим (Ерусалим)-ро тасарруф кард. Нахустмаъбад вайрон гардид ва аҳолии Яҳудо ба асорат бурда шуданд. Ин воқеа дар китобҳои муқаддаси яҳудӣ, аз ҷумла дар Китоби "Подшоҳон" *(Подшоҳон 2, боби 25) ва "Вақоеънома" 2 (36:17–20)* ба таври муфассал зикр шудааст.

Ин асорат на танҳо мағлубияти сиёсӣ, балки шикасти як низоми маънавӣ буд. Миллат аз маркази имони худ ҷудо гардид ва дар муҳити бегона қарор гирифт.

Ба бахти яҳудиён соли 539 пеш аз милод гардиши таърихие ба вуқуъ пайваст ва Куруши Кабир Бобулро фатҳ кард. Аммо аҳамияти ин рӯйдод на танҳо дар ғалабаи ҳарбӣ, балки дар сиёсати баъдинаи ӯ зоҳир гардид.

Тибқи навиштаҷоти Китоби "Азро" *(«Книга Ездры" 1:1–4),* Куруш фармоне содир кард, ки дар он ба яҳудиён иҷозат дода мешуд, то ба Уршалим баргарданд ва маъбади худро аз нав бунёд намоянд. Дар ин санад омадааст: *"Ҳар касе аз қавми Ӯ дар миёни шумо бошад, бигзор Худояш бо ӯ бошад ва ба Уршалим баргардад ва хонаи Худовандро бино намояд".*

Ин яке аз муҳимтарин санадҳои таърихӣ аст, ки нақши Курушро ҳамчун раҳоибахш тасдиқ мекунад.

Ҳамчунин, ин воқеа дар *"Вақоеънома" («Книги Паралипоменон» 36:22-23)* низ тасдиқ мешавад ва дар он ҷо Куруш ҳатто ҳамчун абзори иродаи илоҳӣ муаррифӣ мегардад.

МАНШУРИ КУРУШ - ШАҲОДАТИ ТАЪРИХӢ

Ғайр аз манобеи динӣ, як санади муҳими бостоншиносии "Маншури Куруш" *(Цилиндр Кира*) мавҷуд аст, ки имрӯз дар Осорхонаи Британиё нигоҳдорӣ мешавад. Дар ин санад Куруш сиёсати худро нисбат ба халқҳои тасхиршуда баргардонидани халқҳо ба сарзаминҳояшон ва эҳёи маъбадҳои онҳо баён мекунад. Гарчанде дар он номи яҳудиён мустақим зикр нашудааст, аммо муҳтавои он сиёсати умумии Курушро нишон медиҳад, ки бо маълумоти китобҳои муқаддас мувофиқат дорад.

КУРУШ ҲОКИМИ ФАРОТАР АЗ ЗАМОНИ ХУД

Дар ҷаҳони қадим, ки ғалаба аксаран бо саркӯб ва асорат ҳамроҳ буд, сиёсати Куруш истисноӣ ба назар мерасад. Ӯ дарк карда буд, ки ҳукмронӣ танҳо идора кардани қаламрав нест, он эҳтиром ба эътиқод ва арзишҳои мардум мебошад.

Барои яҳудиён амали Куруш на танҳо як иҷозати сиёсӣ буд. Он бозгашт ба зиндагии навин, ба имон, ҳувият ва оянда буд.

Аз ҳамин ҷост, ки дар Китоби "Ишаъё", яке аз китобҳои муҳими Аҳди Қадим *(Танах) (45:1)* Куруш ҳатто ҳамчун фиристодаи Худо ёд мешавад. Ин мақом барои подшоҳи ғайрияҳудӣ бесобиқа аст.

Куруши Кабир дар хотираи яҳудиён ҳамчун эҳёгар боқӣ монд. Ӯ ба миллате, ки дар остонаи гумшавӣ қарор дошт, имкони дубора зинда шудан дод. Ин на танҳо як воқеаи таърихист. Ин меъёри ахлоқии давлатдорӣ аст.

Имрӯз, дар ҷаҳоне, ки пур аз ихтилофу бархӯрдҳост, ин савол боз ҳам муҳимтар мегардад: ҳокимият барои чист? Барои саркӯб кардан ё эҳё намудан?

ХОТИРАИ ТАЪРИХ ВА ХУЛОСАИ ИБРАТОМӮЗ

Таърих бо санад сухан мегӯяд ва ин санадҳо нишон медиҳанд, ки бузургӣ дар қудрат не, дар адолат аст. Куруш дар таърих боқӣ монд, зеро ӯ дарҳои бастаро боз кард, миллатеро аз асорат озод намуд, ба ӯ умед бахшид. Ва ҳамин аст дарси бузурги таърих: онҳое дар хотираи инсоният мемонанд, ки на хароб мекунанд, балки эҳё менамоянд. Куруши Кабир маҳз чунин шахсият буд.

Имрӯз, вақте бар сарзамини Эрон, он хоке, ки Куруши Кабирро ба ҷаҳон дод, бомбаҳо афканда мешаванд ва ҷони садҳо мардуми бегуноҳ қурбон мегардад, ин танҳо фоҷиаи инсонӣ нест, балки зарбаи талхе ба хотираи таърих низ мебошад. Таърихе, ки Курушро ҳамчун рамзи раҳоӣ, эҳтиром ва эҳёи яҳудиён дар ёд дорад, имрӯз гӯё бо садои таркишҳо озмуда мешавад. Зеро ҳар амале, ки боиси аз байн рафтани ҷони бегуноҳон мегардад, на танҳо ояндаро зери хатар мегузорад, балки хотираи гузаштаро, ки бар пояи адолат ва инсондӯстӣ устувор буд, низ талх месозад.

Шариф ҲАМДАМПУР

РЕЗААХБОР

Раҳмиддин Саломзода, муовини Раиси шаҳри Душанбе ҳолати тозагагии мошинҳои мусофирбари пойтахтро мавриди санҷиш қарор дода, аз вазъи нохуби бехдоштии баъзе нақлиёт изҳори норозигӣ кардааст. Ӯ таъкид кардааст, ки "ронандагонро мебояд пеш аз ҳама одоби муошират, рефлаи ҳаракат, либоси тавсияшуда, таҷҳизоти муайянгардида, сабқат накардан, таъмини ҳаракати бонизом, бехатари мошинҳои мусофирбар ва дигар талаботи мавҷудаи соҳаро қатъиян риоя кунанд".

***

Дар қисмати ғарбии Душанбе сохтмони зеристгоҳи нави барқии "Ғарбӣ" бо иқтидори 220/110/10 кВ оғоз шуд. Он дар маҳаллаи Ҷӯйбодом сохта мешавад. Лоиҳа аз ҷониби ширкати ТГЭМ (Тоҷикгидроэлектромонтаж) амалӣ мешавад. Зеристгоҳи нав ҷиҳати эътимоднок сохтани таъмини қисмати ғарбии шаҳр бо барқ, инчунин коҳиши сарборӣ ба зеристгоҳҳои амалкунандаи "Нав" ва "Дарёканор" имкон фароҳам меорад.

***

Аз 9-уми апрели соли 2026 парвози нави мунтазам дар самти Душанбе - Уфа - Душанбе оғоз мегардад. Дар ин бора ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" хабар додааст. Парвозҳо ҳафтае як маротиба - рӯзҳои панҷшанбе анҷом дода мешаванд.

***

Агентии бокортаъминкунӣ дар хоричаи Вазорати кору муҳоҷирати Тоҷикистон сокинони кишварро ба кори мусофирбарӣ дар Беларус даъват кардааст. Ин ниҳод гуфтааст, ки ба корфармоён ронандаи автобус дар шаҳри Гродноии ин кишвар лозим аст. Маош аз 700 то 1700 доллар буда, вобаста ба соати корӣ муайян мешавад. Ба кор довталабоне қабул мешудаанд, ки аз 21 то 60 сол дошта, соҳиби шаҳодатномаи ронандагӣ (категорияи D, E) ва донандаи забони русӣ бошанд. Барои маълумоти бештар ба суроғаи зерин мурочиат кунед: Шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, 108 ё телефонҳои 221-39-67, 221-39-83, +992 55 555 1080.



ҚЎШУНҲОИ ДОХИЛӢ

сипари боэътимоди давлат ва миллат

“Қўшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сипари боэътимоди давлату миллат, кафили амнияту суботи кишвар ва тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, ҳайати шахсии он аз замони таъсисёбӣ то имрӯз вазифа ва уҳдадориҳои хизматии худро содиқона ва софдилона иҷро карда истодаанд”.

Эмомалӣ РАҲМОН

18-уми ноябри соли 1991 барои дар заминаи қисму воҳидҳои ба марказ тобеи қўшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ таъсис додани қўшунҳои дохилии байниҷумҳуриявӣ дастур дода шуд. 10-уми феврали соли 1992 фармони вазири корҳои дохилӣ ба тасвиб расид, ки дар заминаи он бо фармонҳои дигари вазири корҳои дохилӣ аз 30-юми марти соли 1992 ва аз 3-юми апрели соли 1992 сохтори Қўшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ ба таври расмӣ тасдиқ шуд, ки Раёсати қўшунҳои дохилӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва Баталиони алоҳидаи таълимиро дар бар мегирифт. Ин санади таърихӣ бо қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми апрели соли 1993 ба расмият дароварда шуд ва аз ҳамон сол 10-уми апрел Рӯзи таъсиси Қўшунҳои дохилӣ мебошад.

Қўшунҳои дохилӣ давоми солҳои 1992-1995-ум 10 қисми ҳарбии алоҳидаро бо теъдоди умумии зиёда аз 10 000 нафар ҳайати шахсӣ дар бар мегирифт.

Хизматчиёни Қўшунҳои дохилӣ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар пойтахти мамлакат ва марказҳои маъмурии вилоятҳо ва таъмини амнияти иншооти махсусан муҳими давлатӣ равона гардидаанд. Дар ин замина ҳамарӯза ҳайати Қўшунҳои дохилӣ дар ҳамбастагӣ бо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба хизмати посбонӣ-пайроҳадорӣ ҷалб карда мешаванд. Ин омил барои таъмини амнияти шаҳрвандону меҳмонон, пешгирӣ ва ошкор намудани ҷинояту хуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки бо дастгирию ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар тамоми қисмҳои ҳарбии қўшунҳо корҳои сохтмонию навсозӣ ва таъмиру ободгардонӣ амалӣ гардида, барои фаъолияти хизматӣ, таълимот ва фароғати ҳайати шахсӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар қисмҳои ҳарбӣ ҳаммоми замонавӣ, синфхонаи компютерӣ, сартарошхона, нуқтаи тиббӣ, қисми навбатдорӣ, нуқтаи назорати гузаргоҳ, анбори нигоҳдории меваю сабзавот ва дигар анвои хўрокворӣ, инчунин майдони сафароии қисми ҳарбӣ аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Ҳамзамон ҷиҳати нигоҳдошт ва парвариши аспҳои хизматӣ барои 40 сар асп аспхона сохта шуд. Барои тарбияи ҷисмонии ҳайати шахсӣ дар қисми ҳарбӣ майдони варзишии намунавӣ сохта шуд.

Оромие, ки мо имрӯз дар кишвар дорем, натиҷаи бедорхобиҳо ва фидокориҳои афсарону сарбозони Қўшунҳои дохилӣ аст. Онҳо дар сафи пеши мубориза бо хатарҳои муосир истода, ба савганди ҳарбии худ содиқ мемонанд.

Рӯзи Қўшунҳои дохилӣ иди ҷасорат, матонат ва ватандўстист. Ба ҳамаи ҳомиёни Ватан саломатӣ, иродаи қавӣ ва дар роҳи пурмасъулияти ҳифзи марзу буми кишвар муваффақият хоҳонем!

Далер РАҲИМОВ,
корманди МД “Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳ Рўдакии шаҳри Панҷакент”

Ҳушдори Кумитаи дин:

ҲОҶИЁН ДАР ДОМИ ҚАЛЛОБОН

Гурӯҳе аз шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо ваъдаи адои ҳаҷи фарзӣ ба Арабистони Саудӣ рафта буданд, бо сабаби қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳояшон сарсон шуда, аз Кумитаи дин ва Сафорати Тоҷикистон хостаанд, ки онҳоро ба Ватан баргардонанд. Дар ин бора Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим бо нашри як изҳорот хабар дод.



Ба навиштаи ин ниҳод, онҳо бо фиреби нафарони алоҳида, ки мехостанд манфиати молӣ ба даст оранд, ба ҳаҷ рафтаанд ва “ин афрод бо таҳияи бейчиқҳои тақаллубӣ зоиронро бовар кунонидаанд, ки гўё барои адои маросими ҳаҷ ба онҳо кумак мекунанд. Аммо дар асл, ин ҳуҷҷатҳо ҳеҷ гуна қувваи ҳуқуқӣ надошта, будубоши қонунии шаҳрвандонро дар мавсими ҳаҷ кафолат дода наметавонанд”.

Ба қавли манбаъ, ҳоло ин гурӯҳи шаҳрвандон дар ҳолати душвор қарор дошта, аз Кумитаи дин ва Сафорати Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ дархост кардаанд, ки барои баргаштан ба Ватан кумак расонанд.

Кумита таъкид кардааст, ки муҳлати барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо барои мавсими ҳаҷи фарзии имсола кайҳо ба анҷом расида, пас аз ин муҳлат ҳеҷ як ширкати сайёҳӣ ё шахси миёнарав имкони таҳияи асноди заруриро надорад.

Кумита аз шаҳрвандон хоҳиш кардааст, ки ба ваъдаҳои бардурўғ бовар накунанд ва дар ҳолати рӯ ба рӯ шудан бо чунин ҳолат, ба телефони боварии Кумита - 221 83 58 мурочиат кунанд.

Ин бори аввал нест, ки шаҳрвандони Тоҷикистон фирефтаи ваъдаҳои ширкатҳои хусусӣ ё миёнаравҳо мешаванд. Дар солҳои пеш низ ҳолатҳое ба қайд гирифта шуда буданд, ки зоирон бо ҳуҷҷатҳои нодуруст то марзи Арабистони Саудӣ рафта, вале аз ҷониби пулиси ин кишвар боздошт ва ба Ватан баргардонида шуданд.

Қаблан ҳам Кумитаи дин аз шаҳрвандон хоста буд, ки танҳо бо роҳҳои расмӣ ба сафари ҳаҷи фарзӣ раванд. Мақомот борҳо ҳушдор додаанд, ки истифода аз раводидҳои (виза) сайёҳӣ, корӣ ё дигар навъи ҳуҷҷатҳо барои адои маросими ҳаҷи фарзӣ тибқи қонунҳои Арабистони Саудӣ манъ аст ва боиси ҷаримаву ихроҷи зоирон мегардад.

Нархи сафари ҳаҷи фарзӣ тариқи квотаи расмӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар соли 2026-ум 53 ҳазор сомонӣ, яъне наздики 4 ҳазор сомонӣ арзонтар нисбат ба соли гузашта муайян шудааст.





ТИҶОРАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДУ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ 2026 ТАМОЮЛИ МУСБАТИ РУШД НИШОН ДОДААСТ. ТИБҚИ ГУЗОРИШИ БОНКИ АВРУОСИЁИИ РУШД, ГАРДИШИ ТИҶОРАТИ ХОРИҶИИ КИШВАР ДАР МОҲҲОИ ЯНВАР - ФЕВРАЛ БА 1,8 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР РАСИД, КИ НИСБАТ БА ҲАМИН ДАВРАИ СОЛИ ГУЗАШТА 27,3 ФОИЗ ЗИЁД МЕБОШАД.

Ба иттилои манбаъ, ҳаҷми содироти кишвар 30,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин пешрафт асосан аз ҳисоби зиёд шудани содироти маҳсулоти маъдан, аз ҷумла семент, консентрати маъдан ва нерӯи барқ (131%), инчунин металлҳои қиматбаҳо (208%) ва маҳсулоти бофандагӣ (32%) ба даст омадааст. Ҳаҷми воридот низ дар ин давра 26,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Таҳлилгарон ин равандро ба баланд шудани талаботи дохилӣ ва афзоиши сармоягузорӣ вобаста медонанд. Аз ҷумла, воридоти мошинҳо ва таҷҳизот ба кишвар 49,3 фоиз зиёд шудааст.

Мутахассисон таъкид мекунанд, ки густариши тиҷорати хориҷӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ боқӣ мемонад. Тибқи пешгӯиҳои Бонки АвруОсиёии Рушд, дар соли 2026 рушди иқтисоди Тоҷикистон ба 8,1 фоиз мерасад.

Дар ҳамин росто, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар дах соли охир нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар устувор буда, рушди босуръати иқтисоди миллӣ таъмин гардидааст. Дар ин давра ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 3,4 баробар афзоиш ёфта, суръати миёнасолонаи рушди иқтисод 7,6 фоизро ташкил додааст.

Бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ зиёда аз 670 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки аз ин маблағ 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷиро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, нишондиҳандаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз 6 ҳазор сомонӣ дар соли 2015 то 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра шумораи аҳолӣ 26 фоиз зиёд шуда, ба 10,7 миллион нафар расидааст. Сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз шаш баробар афзоиш ёфт. Соли 2025 ҳаҷми даромади аҳолӣ ба 165 миллиард сомонӣ баробар шуд.

Дар маҷмуъ, соли 2025 ҳаҷми ММД-и кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии иқтисоди миллӣ 8,4 фоизро ташкил додааст.

САНОАТ

10,5 МИЛЛИАРД СОМОНӢ ДАР 2 МОҲ

Моҳҳои январ-феврали соли 2026 дар Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ якҷо бо соҳибкорони инфиродӣ ба маблағи 10 миллиарду 543 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд. Ба иттилои Агентии омори Тоҷикистон, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.



Дар ду моҳи соли 2026 рушди соҳа асосан аз ҳисоби баланд гардидани ҳаҷми истеҳсолот дар бахшҳои саноати истихроҷ 1,9 фоиз, саноати коркард 26,3 фоиз, таъминоти нерӯи барқ, газ, бӯғ ва тозакунии ҳаво 1,1 фоиз ва таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва маҳсулоти дуюмдараҷа 23 фоиз зиёд гардидааст.

Ҳамчунин, моҳҳои январ ва феврали соли 2026 дар ҷумҳурӣ 3954 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ фаъолият намудаанд, ки аз ин 365 адад ба соҳаи саноати истихроҷ, 3416 адад ба саноати коркард, 72 адад ба таъминоти нерӯи барқ, газ, бӯғ ва тозакунии ҳаво ва 101 адад ба таъминоти об ва коркарди партовҳо рост меояд.

САВДО

КОҲИШИ ВОРИДОТИ ҒАЛЛА

Аз моҳи сентябри соли 2025 то феврали соли 2026 Қазоқистон содироти ғалларо ба кишварҳои мухталиф 14% кам кардааст. Дар ин бора Бюрои миллии омори Қазоқистон иттилоъ додааст.



Қазоқистон яке аз таъминкунандагони асосии ғалла ва орд барои Тоҷикистон мебошад. Дар ҳамин давра ба Тоҷикистон 735,8 ҳазор тонна ғалла содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7% камтар мебошад.

Ҳамчунин, қайд шудааст, ки ба кишварҳои Осиёи Марказӣ - Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон қисми зиёди содироти гандуми Қазоқистон рост меояд. Ҳиссаи онҳо дар содироти умумӣ аз моҳи сентябри соли 2025 то феврали соли 2026-ум 76%-ро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин ҳол, мақомоти Қазоқистон хабар додаанд, ки содироти орд ба Тоҷикистон бамаротиб афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра содироти орд ба Тоҷикистон 27% афзоиш ёфта, ба 5,7 ҳазор тонна расидааст.

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РЎДАКӢ

СОЗИ ВАТАНДОРӢ

Нигоҳе ба пайроҳаи эҷодии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Фурқат Саидзода



АЛОҚАМАНДОНИ СУРУДУ МУСИҚӢ, МАХСУСАН ДИЛБОХТАГОНИ “ШАШМАҚОМ” НАЗДИК БА ЧИҲИЛ СОЛ АСТ, КИ БО НОМИ ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ФУРҚАТ САИДЗОДА ОШНО ҲАСТАНД ВА БА ЭҶОДИЁТИ РАНГИНУ ПУРҒАНОВАТИ Ӯ ИХЛОСУ ИРОДАТ МЕВАРЗАНД. ЗЕРО ИН ҲУНАРМАНДИ АСИЛ ПАЙВАСТА ДАР ҶУСТУҶӮЙИ ЭҶОДӢ БУДА, ДАР ЭҲЁ ВА ТАРҒИБИ “ШАШМАҚОМ”, ЭҶОДУ ИҶРОИ СУРУДУ ОҲАНГҲО ДАР ЖАНРҲОВУ САБКҲОИ МУХТАЛИФ ТАЛОШ МЕВАРЗАД ВА ҲАМЧУН УСТОДИ СОҲИБНОМИ САНЪАТИ МУСИҚӢ ШИНОХТАВУ ЭЪТИРОФ ШУДААСТ.

Муносибати огоҳонаи Фурқат Саидзода ба санъати мусиқӣ аз мактаби ҳунарии ӯ сарчашма мегирад ва ба номи ду шоҳсутуни санъати тоҷик, нобиғаи бебадал Барно Исҳоқова ва устоди номвар Боймуҳаммад Ниёзов иртибот дорад. Ӯ пас аз хатми мактаби зодгоҳаш - деҳаи Қади Ҷӯйбори ноҳияи Шаҳринав (1986) ба баҳши мусиқии анъанавии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дохил шуда, зеру бами асорангези шоҳасари безаволи миллати тоҷик - “Шашмақом”-ро аз ин ду устоди ҳунар меомӯзад.

Соли 1992 Фурқат Саидзода донишкадаро хатм мекунад ва ба Ансамбли давлатии “Шашмақом” ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати овозхон ба кор пазируфта мешавад. Дар он шабу рӯзҳо, кишвари мо ба ҷанги шаҳрвандӣ мувоҷеҳ гардид ва таваҷҷуҳ ба санъати “Шашмақом” коста шуд. Аз як тараф вазъи зиндагии мардум онҳоро аз санъат дур карда бошад, аз ҷониби дигар ба майдон омадани сарояндагони “хасакӣ” ва суруду оҳангҳои бемоя боиси паст шудани завқи онҳо гардида буд.

Вале Фурқат Саидзода барин ҳунармандон ба ин села напайвастанд ва талош карданд, ки санъати классикии “Шашмақом”-ро, ки мероси гаронбаҳои миллати тоҷик аст, на танҳо ҳифз кунанд, балки бо ororяву перояҳои нав сайқал диҳанд.

Дар эҳё ва рушди “Шашмақом” - ин мероси беназири ниёгон, дар даврони истиқлол нақши Президенти кишварамон бениҳоят бузург аст. Маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат “Шашмақом” ба ҷойгоҳи хусравонии хеш нишаст, ансамбли “Шашмақом” мақоми давлатӣ гирифт ва ба хотири ҳифзи суннати овозхонии классикии тоҷикон ва тақвияти мактабу ҳунари мақомхонӣ ҳамасола дар кишварамон рӯзи 12-уми май ҳамчун Рӯзи “Шашмақом” таҷлил мегардад. Соли 2000-ум аз ҷониби Созмони байналмилалии ЮНЕСКО ин шоҳкории бузург дар феҳристи мероси мусиқии ғайримоддӣ ҷой гирифт.

Фурқат Саидзода аз соли 2007 инҷониб роҳбари Ансамбли давлатии “Шашмақом” ба номи Фазлиддин Шаҳҳобов аст. Ин масъулиятро давоми ин солҳо бо сари баланд иҷро мекунад ва ҳунармандони ин ансамбл дар замони роҳбарии ӯ ба дастовардҳои беназир ноил гардиданд ва санъати “Шашмақом”-ро то саҳнаҳои бузурги Россияву Озарбойҷону Эрон, Фаронсаву Амрикову Ааморoти Муттаҳидаи Араб ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бурданд.

Фурқат Саидзода на танҳо сарояндаи номвари “Шашмақом”, балки мубаллиғи бемисли он низ ҳаст. Аз солҳои аввали фаъолияти овозхонӣ ӯ бо нашрияҳои даврӣ ҳамкорӣ дорад ва то имрӯз даҳҳо мақола оид ба асрори ин шоҳасари безавол ва иҷрокунандагони бузурги он таълиф кардааст. Ҳамчунин, дар шабакаҳои телевизионӣ, аз ҷумла “Телевизиони Тоҷикистон”, “Телевизиони Сафина” ва Телевизиони мусиқии Тоҷикистон - “Шаҳнавоз” доир ба паҳлуҳои мухталифи “Шашмақом” силсилабарномаҳои “Навоят дардҳо дорад”, “Самои Зуҳра”, “Нидои қарнҳо”, “Хаёли сабз” ва “Ормони ориёӣ”-ро таҳия кардааст, ки ҳазорон нафар ин барномаҳоро дидаанд ва нозукиҳои санъати бостонии миллати тоҷикро кашф кардаву шинохтаанд.

Солҳост, ки Фурқат Саидзода устоди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабҳӯҷа Сатторов аст ва ҳоло ба ҳайси профессор ба шогирдон аз санъати мақом дарс мегӯяд. Барои шогирдон, пайравон ва алоқамандони мусиқӣ китобҳои «Мутриби ишқ» (2016), «Дастури таълимӣ» (2020), «Ворисони Шашмақом» (2024) ва «Сози ватандорӣ» (2024)-ро таълиф кардааст. Махсусан, китоби “Ворисони Шашмақом”-ро аҳли илму фарҳанг ҳамчун падидаи фараҳбахш пазируфтанд, зеро дар он хизматҳои фарзонафарзандони миллат, ки дар эҷод, ҳифз, эҳё ва иҷрои “Шашмақом” аз поёни қари XIX то ибтидои асри XXI саҳм гузоштаанд, инъикос гардидааст.

Фурқат Саидзода солҳои охир бо ҳамовозии ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оркестри давлатии симфонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилабарномаҳои консертии телевизионии «Шаббодаи Хуррамшаҳр» (2020), «Савти Камол» (ба истиқболи 700-солагии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, 2020), «Пири хирад» (барнома бар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, 2022), «Шоми ғазал» (2021) ва «Ватан шавем» (ба истиқболи Рӯзи «Шашмақом», 2022), «Шоми ғазал» ба истиқболи 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ (Париж, 2025), «Шаби чилла» аз эҷодиёти шайх Фариддудини Аттор ва ҳаким Умари Хайём (Нишопур, 2025)-ро таҳия ва пешниҳод намуд, ки ин барномаҳо аз ҷониби ҳазорон нафар мухлисон писандида шуданд. Барои хизматҳои арзишмандаш дар рушди соҳа ва маҳорати баланди эҷодӣ бо Ҷоизаи «Ҷавononи Тоҷикистон» (1996), медали Хизмати шоиста (2007), Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (2013), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2021) ва Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон (2024) сарфароз шудааст.

Фурқат Саидзода ҳамчун ҳунарманди ба камол расида дар пайравӣ ба устодони ҳунар ба эҷоди оҳанг ҳам машғул аст. Ӯ муаллифи оҳангҳо дар пардаҳои Шашмақом, сурудҳо дар жанрҳову сабкҳои мухталиф мебошад. Барои филмҳои ҳунарӣ низ оҳанг эҷод кардааст, ки намунаи он филми ҳунарии истеҳсоли синамогарони Эрон “Шукрона” ва филми ҳунарии истеҳсоли синамогарони ватанӣ “Ормон” мебошад. Намунаи оҳангҳои офаридааш дар намоишномаи “Пайраҳаи зиндагӣ”-и Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов низ садо додаанд. Ҳамин аст, ки соли 2018 ӯро ба узвияти Иттифоқи композиторони Тоҷикистон қабул карданд.

Барои дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ Фурқат Саидзода ҳамчун бастакор (оҳангсоз) пешниҳод гардидааст. Аниқтараш китоби сурудҳои ӯ таҳти унвони «Сози ватандорӣ», ки 40 сурудро дар бар мегирад: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ («Омад баҳори хуррам»), Ҷомӣ, Шоҳин ва Васлӣ («Баҳори хуррам»), Сайидо ва Ишқии Воруӣ («Сайри чаман»), Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ («Ҳачри ту»), Бозор Собир («Дар дили ман монд», «Дубора созамат, Ватан»), Лоиқ Шералӣ («Ватан»), Муҳаммад Ғоиб («Хуршеди фараҳ»), Камол Насрулло («Хоки Саразм», «Замини Тоҷикистон»), Муҳтарам Ҳотам («Мулки меҳр»), Рустам Ваҳҳобзода («Душанбе», «Бақои миллат», «Сарқонун», «Тоҷикӣ», «Бародарон», «Ватан»), Давлат Сафар («Таронаи Роғун»), Ӯлмас Ҷамол («Паёми дӯстӣ»), Исмоил Зарифӣ («Уфари Саразм»), Низом Қосим («Таронаи дӯстӣ», «Халқи начиб», «Кони нур»), Озарахш («Зан»), Исо Раҳим («Қисмат»), Ҳаким Гӯё («Меҳри Ватан»), Саидҷон Ҳакимзода («Наврӯз, биё!»), Шарифи Мисайзод («Номаҳо»), Шералӣ Шоҳонӣ («Овора»), Худодод Зайниддин, Алишер Муҳаммадӣ, Аҳлиддини Ҳисорӣ ва Шаҳрия («Вахдатошён»), Аҳлиддини Ҳисорӣ, Гурез Сафар, Маҳзун («Наврӯз мерасад боз»), Ниҳонӣ («Нози манӣ», «Рашки парӣ»), Мирзо Ҳасрат ва Ҷазбии Ҳисорӣ («Шӯхчашми нозанин»), Абдуллоҳи Раҳнамо («Ватан шавем»), Суруш («Мо аз диёри обҳо»), Давлати Раҳмониён («Сангари мо»), Гулшан Абдураҳмонова («Хуршеди тобон») ва ду суруд дар асоси сурудҳои мардумӣ - «Мегузарад», «Эй, ёраки ҷон!».

Асарҳои пешниҳодшуда ба ин маҷмӯа нишон медиҳанд, ки Фурқат Саидзода ҳамчун бастакор ба эҷодиёти шоирони классику муосир такя карда, дар ҳамаи жанрҳои мусиқӣ - мусиқии ғазал, рубоӣ, сюитаи секисма, сюитаи чаҳорқисма, сюитаи панҷқисма, суруд барои ансамбл, валс, валси шодӣ, уфар, суруди лирикӣ, суруди шаҳрвандӣ, суруди маршӣ, суруд-дуэт, романс, таронахонии Шашмақом, уфари Шашмақом, мавригӣ, фалаки равона, шаҳд, суруд-дуэт, уфари суст, уфари тез, суруди ватанпарастӣ, суруди хорӣ, хории маршӣ, суруд барои яккахон ва хор оҳанг эҷод кардааст, ки ин далели дониши васеъи мусиқӣ, зарфияти фаррох ва тавонмандии эҷодии ӯст. Аксари ин сурудҳо дар консерти ба тозагӣ таҳиянамудаи ин ҳунарманди саршинос таҳти унвони “Сози ватандорӣ” дар толори консертии Муассисаи давлатии “Оркестри давлатии Симфонӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳод ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид ва тамошобинон, ки аксарият аҳли зиё, бастакорон, сарояндагон, мутрибон ва адибону рӯзноманигорон буданд, ба онҳо баҳои баланд доданд.

Китоби “Сози ватандорӣ” ва консерти таҳияшуда бо ҳамин унвон ва ҳамчунин хизматҳои шоистаи Фурқат Саидзода дар рушди санъати тоҷик барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ арзанда мебошанд.

Ҳаётой МУЪМИНОВА,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон
Одил НОЗИР,
Аълочии фарҳанги Тоҷикистон

НАТИҶАҲОИ СОҲАИ МАОРИФИ НОҲИЯИ ПАНҶ НАЗАРРАСАНД

Шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ фаъолияти кории худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, дар давоми дувоздаҳ моҳи соли 2025 корҳои зиёдеро ба сомон расонидаву натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст.



Бино ба иттилои мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ Икромиддинзода Диловар Икромиддин, 13 маротиба Шурои педагогӣ, аз он ҷумла 13 маротиба ҷаласаи назди мудир гузаронида шуда, 58 масъала баррасӣ гардидаанд.

Зикр гардид, ки шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ дорои 53 муассисаи таълимӣ, 7 муассисаи давлатии таълими томактабӣ мебошад, ки дар онҳо 2045 нафар омӯзгорон (аз он ҷумла 1484 нафар занон) кору фаъолият менамоянд.

Аз якуми сентябри соли 2025 шумораи умумии хонандагон 31857 нафар, аз он ҷумла 14852 нафар духтаронанд.

Соли таҳсили 2024-2025 синфи 11-ро 1410 нафар хонанда (718 духтар) хатм намуда, аз онҳо 880 нафар (460 духтар) тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишгоҳҳо дохил шудаанд. 18 нафар (2 духтар) дар хориҷи кишвар дохил шудаанд, ки дар маҷмуъ 82%-ро ташкил медиҳад.

Дар 7 муассисаи давлатии таълимии томактабӣ дар 35 гурӯҳ ҷамъ 869 нафар кӯдак фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои номбурда дар умум 57 нафар кормандони педагогӣ (12 нафар бо маълумоти олӣ ва 45 нафар бо маълумоти миёнаи махсуси омӯзгорӣ) фаъолият карда истодаанд.

Ба гуфтаи Диловар Икромиддинзода, алҳол дар назди 52 муассисаи таълимии ноҳия дар 52 марказ 100 гурӯҳи Маркази инкишофи кӯдак ташкил шуда, дар маҷмуъ 3710 нафар кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла 1820 нафар духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ба тарбиятгирандагони Маркази рушди кӯдак 52 нафар омӯзгор-мураббиёни ихтисосманди дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус таълим медиҳанд.

- Кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ дар давоми соли 2025 корро дар асоси нақшаи корӣ ба роҳ монда, баҳри ёрӣ расонидан ва додани дастурҳои методӣ бо директорон, муовинони директор оид ба таълим ва тарбия, омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ, забон ва адабиёти тоҷик, забони русӣ ва англисӣ, синфҳои ибтидоӣ семинарҳои доимоамалкунандаро доир намуд,- мегӯяд Д. Икромиддинзода.

Гуфта шуд, ки тибқи фармоиши мудири бахши маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ аз 12-уми декабри соли 2024, №64 “Оид ба фармоиши сардори Раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 6-уми декабри соли 2024, №284 дар бораи эълон гардидани “Соли 2025 - соли фарҳанги китобхонӣ” дар муассисаҳои таъсилоти миёнаи умумии ноҳия” аз 3.01.2025 то 10.01.2025 ва аз 11.01.2025 то 20.01.2025 даври аввали санҷиши хондани китобҳои бадеӣ аз тарафи хонандагон бо иштироки



падару модарон гузаронида шуда, натиҷаи санҷиш тавассути маълумотнома ба Раёсати маорифи вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

Тибқи фармоиши мудири бахши маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ аз 31.10.2025, №84 дар бораи озмуни шаҳрии “Беҳтарин хонандаи китобҳои илмӣ ва бадеӣ байни директорони муассисаҳои таълимӣ ва мудирони муассисаҳои таълимии томактабии ноҳияи Панҷ” аз 4.12.2025 то 8.12 2025 дар назди Литсейи давлатии №1 байни директорони муассисаҳои таълимии ноҳия озмуни шаҳрии “Беҳтарин хонандаи китобҳои илмӣ ва бадеӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва мудирони муассисаҳои таълимии томактабии ноҳияи Панҷ” гузаронида шудааст.

Тавре мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ Икромиддинзода Диловар Икромиддин илова намуд, Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ бо қарори раиси ноҳияи Панҷ аз 9.12.2014, №1037 таъсис ёфта, аз 9.12.2014 ба он мустақилияти молиявӣ дода шудааст. Марказ дорои 8 маҳфили фаннӣ (математика, физика, химия, биология, география, таърих ва ҳуқуқ, забони англисӣ, забони русӣ) мебошад. Дар маҳфилҳои марказ ҳамагӣ 112 нафар хонандагони муассисаҳои таълимӣ ҷалб гардидаанд.

Дар машварати августии омӯзгорон ғолибони даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои ҷумҳурияви “Илм - фурӯғи маърифат”, “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, озмунҳои “Хонандаи сол”, “Ворисони Пешво”, “Ифтихори ватандорӣ” аз тарафи мудири шуъбаи маорифи Панҷ бо мукофотпулӣ ва ифтихорнома қадрдонӣ шудаанд.

Дар озмуни байналмилалии JEO-SEO, ки тариқи фосилавӣ баргузор гардидааст, 4 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии №8, 9, 20 ва гимназия сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд.

Ҳамзамон, озмуни ноҳиявии “Доноёқ” байни синфҳои 3-4 баргузор гардида, аз муассисаҳои таълимии ноҳия 80 нафар иштирок намуда, 4 нафар хонандагони беҳтарин ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтаанд.

Дар даври дуюми озмуни “Хонандаи соли 2025” аз муассиаҳои таълимии ноҳия 583 нафар хонандагон иштирок намуда, 6 нафарашон ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтаанд. Онҳо дар даври вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, Мирзошозода Эмомалӣ - хонандаи синфи 9-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 бо гирифтани лентаи фахрӣ сазовори ҷоизаи “Беҳтарин хонандаи соли 2025” гардидааст.

Зимнан, Икромиддинзода Диловар Икромиддин мегӯяд, ки масъулони шуъбаи маорифи ноҳия дар оянда баҳри боз ҳам баланд бардоштани савияи донишу малакаи хонандагон, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо лавозимоти хониш, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар доираи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвар талош хоҳанд кард.

Машраби АЛОВИДДИН





КУШТОР БО БЕРАҲМИИ МАХСУС

Гумонбари қатли 4 нафар боздошт шуд



Прокуратураи шаҳри Кӯлоб алайҳи Валӣ Сафаралӣ, шавҳари Зуҳро Қурбоноваи 28-сола, ки шаби 1 ба 2-юми апрел бо хоҳараш Таҳмина Шоҳмаҳмади 20-сола ва хоҳарзодаи 6-солаашон дар шаҳри Кӯлоб ба таври мармуз кушта шуданд, бо иттиҳоми одамкушӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст. Гумонзад “ба куштор бо бераҳмии махсус” айбдор шудааст.

ГУМОНБАР ШАВҲАР

Ба иттилои мақомот, гумонбар Сафаралӣ Валӣ, марди 32-сола, дар бозори “Фаровон”-и шаҳри Душанбе ба ҳайси боркаш кор мекард. Гуфта мешавад, ки ӯ ҳамсараш Зуҳро Қурбоноваи 28-сола, хоҳари ҳамсараш Таҳминаи Шоҳмаҳмади 20-сола, тифли батни ӯ ва кӯдаки шашсола Абубакр Қурбоновро бо зарби корд ба қатл расонидааст.

Ҳодиса шаби 2-юми апрел рух додааст. Ба гуфтаи манбаъҳои расмӣ, Зуҳро ва Таҳмина дар ҷойи ҳодиса ҷон бохтаанд, дар ҳоле ки Абубакри хурдсол дар бемористони шаҳри Кӯлоб аз дунё гузаштааст. Тифли батни Таҳмина, ки дар моҳи ҳаштуми ҳомилагӣ қарор дошт, аз ҷониби мақомот ҳамчун “як инсони комил” арзёбӣ шудааст.

Парвандаи ҷиноятӣ бар асоси моддаи 104, қисми 2-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон боз шудааст, ки барои “куштани чанд нафар бо бераҳмии махсус” аз 15 то 25 соли зиндон пешбинӣ мекунад.

САБАБ ЧИСТ?

Яке аз саволҳои асосие, ки ҷомеаро ба ташвиш овардааст, ангезаи ҷунин ҷинояти даҳшатнок аст. Тибқи иттилои мақомот, байни Сафаралӣ Валӣ ва ҳамсараш Зуҳро Қурбонова муддати тӯлонӣ муноқишаҳо вуҷуд доштаанд. Ин ихтилофҳо то ҳадде расидаанд, ки пас аз як ҷанҷоли ҷиддӣ дар моҳи декабри соли гузашта Зуҳро бо ду фарзандаш ба хонаи волидонаш дар Кӯлоб баргаштааст.

Ба гуфтаи манбаъҳо, гумонбар аз ин вазъ норозӣ буда, ҳатто қасди аз ҳаёт маҳрум кардани ҳамсарашро дар сар доштааст. Мақомот бар ин назаранд, ки ӯ пешакӣ нақшаи содир кардани ҷиноятро тарҳрезӣ кардааст.

Гуфта мешавад, ки рӯзи 1-уми апрел ӯ ба Кӯлоб омада, аз маркази шаҳр корд харидааст ва шабона дар наздикии хонаи волидони ҳамсараш интизор шудааст. Ин ҷузъиёт нишон медиҳад, ки амал тасодуфӣ набуда, балки бо нияти пешакӣ омодашуда анҷом дода шудааст.

ЛАҲЗАҲОИ ФОҶИА

Тибқи маълумоти расмӣ, соати дуи шаби 2-юми апрел гумонбар пинҳонӣ ба ҳавлӣ ворид шудааст. Дар яке аз ҳуҷраҳо Таҳминаи Шоҳмаҳмад, ки дар моҳи ҳаштуми ҳомилагӣ буд, бо хоҳарзодаи шашсолааш Абубакр хобидааст. Модари Абубакр ӯро ба назди холаҳояш гузошта, дар мухочирати меҳнатӣ қарор дорад.

Муфаттишон мегӯянд, ки ба Таҳмина чандин зарбаи корд расонида шудааст. Дар айни замон, Абубакри хурдсол низ, ки дар паҳлуи ӯ қарор дошт, аз ҳамла эмин намондааст.

Садои имдодхоҳии онҳо Зуҳро Қурбоновароро, ки дар ҳуҷраи дигар бо фарзандонаш хоб буд, бедор мекунад. Вай ба ҳуҷраи дигар медарояд, аммо худ низ мавриди ҳамла қарор мегирад.

Ба ду фарзанди худи гумонбар, ки дар ҳамон хона будаанд, осебе нарасидааст.

ҲОДИСАИ ГӮШНОШУНИД

Ин ҳодиса на танҳо наздикони қурбониён, балки тамоми ҷомеаро дар ҳолати шок қарор дод. Ба гуфтаи пайвандони Зуҳро, ӯ қаблан аз ҷониби шавҳараш таҳдид мешуд, аммо ин таҳдидҳо ҷиддӣ гирифта нашуда буданд.

Гуфта мешавад, ки боздошт-шуда дар баёноти аввалияаш ба мақомот гуфтааст, ки соати дуи шаб вориди хона шуда, иштибоҳӣ аввал ба хоҳарарӯсаш Таҳминаи Шоҳмаҳмад ҳамла кардааст.

Наздиконаш мегӯянд, Таҳмина дар моҳи 8-уми ҳомилагӣ буд ва барои ба дунё овардани тифл дар хонаи падару модараш қарор дошт.

“Сафаралӣ Валӣ гуфт, пас аз он ки ҳамсараш аз хоб бедор шуду дод зад, ба ӯ низ ҳамла кардааст. Ба ду фарзанди худаш, ки дар он ҳуҷра хоб будаанд, осеб нарасонидааст",- гуфта шудааст дар баёнот.

Наздикони Таҳмина мегӯянд, ки ӯ барои таваллуди фарзандаш ба хонаи волидон омада буд.

ПАРВАНДА ТАҲҚИҚ МЕШАВАД

Ба иттилои мақомот, гумонбар субҳи ҳамон рӯз, 2-юми апрел дар шаҳри Душанбе боздошт шудааст. Ӯ дар маҳаллаи Яккачинори ноҳияи Сино дастгир ва ба Кӯлоб интиқол дода шудааст. Дар ҷараёни тафтишот далелҳои шайъӣ, аз ҷумла корди хунолуд ва либосҳои гумонбар дарёфт ва барои ташхис фиристода шудаанд. Ҳамчунин, шоҳидон ва наздикони қурбониён пурсида мешаванд.

Парванда дар ҳоли таҳқиқ қарор дорад ва тамоми ҷузъиёти ин қазияро рӯшан хоҳанд кард.

PRESSA.TJ ин қазияро пайгирӣ хоҳад кард ва бо пайдо шудани маълумоти нав шумороро хабардор мекунад.

Сомонаи PRESSA.TJ ва саҳифаҳои онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ кунед.



Ба гузориши расонаҳои Русия, Ёқубҷон Юсуфзода аз Тоҷикистон ва яке аз маҳкумшудаҳои ҳамла ба "Крокус Сити Ҳолл"-и Маскав дар боздоштгоҳ худкушӣ кардааст. Додгоҳи ҳарбии Русия тақрибан як моҳ пеш ӯро ба ҳабси якумрӣ маҳкум кард.

ХУДКУШИИ ЯК МАҲКУМШУДАИ ҲАМЛА БА «КРОКУС»

Хабаргузории расмии "Интерфакс" аз қавли Идораи зиндонҳо навишт, ки ҷасади Ёқубҷон Юсуфзодаро 6-уми апрел дар яке аз ҳуҷраҳои боздоштгоҳ ёфтанд. Дар ин ниҳод гуфтаанд, ки "ӯ худкушӣ кард".

Ба иттилои манбаъ, "пизишкон зуд ба ҷойи ҳодиса расида, аммо натавонистанд ӯро наҷот диҳанд. Дар робита ба ин воқеа санҷиш идома дорад".

Ёқубҷон Юсуфзода дар охири моҳи марти соли 2024 ҳангоми амалиёти “Нелегал” дар Русия дастгир шуд ва мақомот сипас гуфтанд, ки робитаи ӯ бо ҳамлаварон ба “Крокус Сити Ҳолл”-и Маскав ошкор гашт. Мақомоти Русия ӯро ба он муттаҳам карданд, ки чанд рӯз пеш аз ҳамла барои таъмини ҳамлаварон бо ҷой “ба як шарикаш пул фиристодааст”.

Ёқубҷон Юсуфзода 26 сол дошта, соҳиби се фарзанд будааст. Дар сохтмон кор мекардааст.

Додгоҳи ҳарбии Маскав моҳи марти имсол 15 гумонбари ҳамла ба толори "Крокус"-ро ба зиндони якумрӣ ва чаҳор тани дигарро аз 19 то 22 сол зиндон маҳкум кард. Шонздаҳ маҳкумшуда аз Тоҷикистон, як нафар аз Қирғизистон ва дуи дигар аз Ингушистон ҳастанд.

Дар ҳамлаи маргбор ба "Крокус Сити Ҳолл"-и Маскав 149 нафар куштаву садҳо тан захмӣ шуданд. Гурӯҳи ДОИШ ҳамларо кори дасти пайравонаш номид, вале далели возеҳе пешниҳод накард.



ДАРЁФТИ ҶАСАДИ РОНАНДАИ ТАКСӢ ДАР ЁВОН

Дар ноҳияи Ёвон ҷасади як кирокаши 38-соларо пайдо кардаанд. Наздикони марҳум мегӯянд, ки шахсони номаълум ӯро бо 9 зарби корд ба қатл расонида, бо худрави ӯ фирор кардаанд.

Ҷасади Лутфулло Сафаров, сокини ин ноҳияро, ки дар ширкати “3333”-и ноҳияи Ёвон кор мекард, сокинон дар майдони заминҳои кишт рӯзи 4-ми апрел дарёфт кардаанд. Ӯ 38 сол дошт ва соҳиби зан ва чаҳор фарзанди хурдсол буд.

Фатҳулло Сафаров, падари Лутфулло Сафаров рӯзи 6-уми апрел ба “Азия-Плюс” гуфт, ки писараш баъди нисфирӯзии 3-юми апрел ба кор баромада, дигар ба хона барнагашт. Соати тақрибан 18-и ҳамон рӯз тамос бо ӯ пурра қатъ шудааст.

Ӯ гуфт, “ҳамсараш субҳи рӯзи 4-уми апрел занг зада гуфт, ки писаратон имшаб ба хона наомад”.

“Тақрибан соати 17:30 ба мошини Лутфулло ду кас нишаста гуфтаанд, ки моро ба деҳаи Дастгирак бар. Онҳо нақшаи куштори писарамро доштаанд. Аз ноҳия, тақрибан 6 километр болотар, дар як дашт ба узвҳои бадани Лутфулло 9 корд задаанд. Аз пушт ба ӯ ҳамла карда, аз ҷумла се корд аз пушти гарданаш задаанд. Баъд мошинашро гирифта, фирор мекунанд. Пул ва дигар ҳуҷҷатҳояш дар ҷайбаш буданд”,- нақл кард падари Лутфулло.


Фатҳулло Сафаров илова кард, ки ҷасади писарашро як подабон ёфтааст ва ӯ дар бораи қатли писараш нисфирӯзии 4-уми апрел аз як ҳамкори марҳум шунидааст.

Мақомот ҳанӯз ин қазияро шарҳ надодаанд.

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НАВИ ЭЛЕКТРОНӢ

Кумитаи андоз хабар медиҳад

Бо мақсади тақвият бахшидан ба рақамикунонии соҳаи андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, инчунин кам кардани таъсири омилҳои инсонӣ ва таъмин намудани баррасии саривақтии мурочиатҳои андозсупорандагон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2026 хизматрасониҳои нави электрониро ба истифода дод.



Ин хизматрасониҳо равандҳои андозбандиро сода, шаффоф ва дастрас гардонида, ба шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидорӣ имконият медиҳанд, ки ба маълумоти зарурӣ зуд ва боэътимод дастрасӣ пайдо кунанд.

Аз ҷумла, баррасӣ ва тасдиқи санади муқоисавии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таври автоматӣ ва бе иштироки кормандони мақомоти андоз анҷом меёбад, ки равандро тезтар ва самаранoктар гардонида, хатоҳои инсонӣ ва таъхирҳоро коҳиш медиҳад.

Ҳамзамон, хизматрасонии саволу ҷавоб оид ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои андозӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ ва шабонарӯзӣ фаъолият мекунад, ки ба андозсупорандагон имкон медиҳад ба маълумоти дақиқ ва боэътимод дар ҳар вақт дастрасӣ пайдо кунанд.

Бекоркунии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ дар шакли электронӣ низ ҷорӣ карда шудааст, ки равандҳои ташкил ва идоракунии воҳиди алоҳидаи субъектҳои хоҷагидориро хеле сода ва шаффоф гардонида, вақти шаҳрвандонро сарфа мекунад.

Хизматрасониҳои мазкур бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ, таъмин намудани шаффофият ва самаранокии фаъолияти мақомоти андоз роҳандозӣ шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки татбиқи ҳамаи ин хизматрасониҳо дар семоҳаи якуми соли 2026 пурра ба анҷом расида, ба андозсупорандагон имконият медиҳад, ки онҳоро дар ҳаёти амалӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ истифода намоянд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Омор

МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР КИШВАРҲОИ ИИАО ВА ТОҶИКИСТОН

То охири соли 2025 музди меҳнат дар кишварҳои узви Иттиҳодияи иқтисодии Авру-Осиё (ИИАО) ба таври назаррас афзоиш ёфт. Тибқи маълумоти Комиссияи иқтисодии АвруОсиё, музди миёнаи номиналӣ ва воқеии моҳона дар ҳамаи кишварҳои узв боло рафт.

Суръати баланди афзоиши музди миёнаи воқеии моҳона дар Русия ва Беларус мушоҳида шудааст. Дар ин кишварҳо музди миёнаи моҳона мутаносибан 1203 доллар ва 877 доллларро ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон музди миёнаи моҳона нисбат ба кишварҳои ИИАО пасттар боқӣ мемонад ва тибқи омор тақрибан 281 долларро ташкил мекунад. Бо вуҷуди ин, музди меҳнат дар кишвар сол ба сол афзоиш меёбад. Танҳо соли гузашта он қариб 25% зиёд гардид. Дар давоми панҷ соли охир музди меҳнати кормандони кироя дар Тоҷикистон беш аз ду баробар афзоиш ёфтааст.



7 САМТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Онҳо кадомҳоянд?

ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ БА СИФАТИ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ БАРОМАД МЕНАМОЯД. ЧУНКИ ИСТИФОДА ВА ҶОРИНАМОИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ БА БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТНОКИИ СОҲАҲОИ МУХТАЛИФИ ИҚТИСОД, ФАРОҲАМСОЗИИ ИМКОНОТИ НАВИ ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ЗАМИНАИ ПАЙВАСТШАВӢ БА ЗАНҶИРАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШ, ТАШКИЛИ БОЗОРҲОИ НАВ, ҲАМЧУНИН ВОРИДСОЗИИ МОЛУ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НАВИ РАҚАМӢ БА БОЗОРҲО МУСОИДАТ МЕНАМОЯД.

Лозим ба ёдоварист, ки раванди рақамикунонии соҳаҳои мухтилифи иқтисод дар мамлакатҳои мутараққӣ гуногун буда, аз сиёсат, меъёрҳои ҳуқуқӣ, анъана, фарҳанг, сатҳи рушди иқтисод, маориф, заминаи технологӣ ва омилҳои муҳими дигар вобастагии зич дорад.

Дар шароити муосир рақамикунонӣ ба ташаккули тағйироти зиёди сохтории сифатӣ дар иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, коркардҳои зиёдеро ба монанди тафаккури сунъӣ, технологияҳои абрӣ, блокчейн, алоқаи беноқил, роботикунонӣ, 3D-чоп, интернети фаррохмавҷ, хизматрасониҳои рақамӣ ва амсоли онҳоро фарогир аст.

Боиси қайд аст, ки дар ҷумҳурии мо, бевосита бо ибтикори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ба масъалаи рақамикунонии иқтисод ва таҳвили рақамии соҳаҳои алоҳида диққати аввалиндараҷа дода шуда, солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон шудааст.

Дарвоқеъ, дар қатори дигар масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ афзалиятнок эълон намудани рақамикунонии иқтисод саривақтӣ арзёбӣ мегардад, зеро рақамикунонии соҳаҳои мухталифи иқтисод ба ниҳодҳои давлатӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ имкон фароҳам месозад, ки ба давраи нави дигаргунсозиҳои ҷаҳонӣ ворид гарданд, дар рушди он ҳиссагузор бошанд ва фаъолияти пурсамар дошта бошанд.

Лозим ба қайд аст, ки Пешвои муаззами миллат дар паёми имсолаи худ ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, аз ҷумла маориф, молияву андоз, хизматрасониҳои бонкӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дастуру супоришҳои мушаххасро ба масъулин пешниҳод намуданд.

Пешвои муаззами миллат дар самти рақамикунонӣ ба таври алоҳида иброз доштанд, ки дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум, *такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.*

Дуюм, *то шабакаҳои панҷ - ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.*

Сеюм, *рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.*

Чорум, *рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.*

Панҷум, *истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.*

Шашум, *андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.*

Ҳафтум, *ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.*

Ҳамин тавр, дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар ин самт моро ҳамчун масъулини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар қатори дигар вазорату идораҳои дахлдор водор месозанд, ки бо масъулияти хос дар самти омодасозии кадрҳои баландихтисоси босалоҳият дар ҷодаи рақамикунонии соҳаҳо саҳмгузор бошем.

Ф. Ҳ. САМАДЗОДА,
омӯзгори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

5 БЕМОРИИ АПРЕЛӢ



АПРЕЛ ДУВУМИН МОҲИ ФАСЛИ БАҲОР БУДА, ҲАВО НИСБАТАН ГАРМ ВА ТАБИАТ ТОРАФТ ЗЕБОТАР МЕШАВАД, ВАЛЕ БЕПАРВОЙ НАКАРДА, ДАР ИН АЙЁМ БА САЛОМАТИИ ХУД ДИҚҚАТИ ҶИДДӢ ДОДАН ЛОЗИМ АСТ, ЗЕРО БАЪЗЕ БЕМОРИҲОЕ ҲАСТАНД, КИ МАҲЗ ДАР ҲАМИН ДАВРА АВҶ МЕГИРАНД.

Ҳаво хуб аст, пас чаро бемор мешавем?

Бисёриҳо ҳайрон мешаванд, ки чаро дар моҳи апрел, ки ҳаво дигар мисли пештара сарду намнок нест, кас ба ҳар хел бемориҳо гирифтор мегардад. Сабаби асосиаш дар он аст, ки пас аз зимистон организми инсон заиф гашта, ба муқобили вирусу микроб ва барангезандагони бемориҳо фаъолона мубориза бурда наметавонад. Меваю сабзавот низ дар ин давра витамину энергияи худро гум мекунанд. Тағйирёбии якбораи фишори атмосферӣ ва зиёд шудани радиатсияи офтоб омилҳои дигари хуруҷи бемориҳои гуногуни баҳорӣ мебошанд.

5 БЕМОРИИ АПРЕЛӢ

Имрӯз мо дар бораи 5 бемории маълумот медиҳем, ки дар моҳи апрел бештар хуруҷ карда, ҳоли касро табоҳ гардонида метавонанд.

Мехоҳед донед, ки инҳо кадом беморихоянд ва барои пешгириашон чӣ бояд кард? Пас, мутаваҷҷеҳ бошед!

1. ЗАХМИ МЕЪДА

Шахсоне, ки захми меъда доранд, бояд дар моҳи апрел хеле эҳтиёткор бошанд, зеро ин беморӣ маҳз дар ҳамин давра бештар авҷ мегирад. Сабаби дар ин давра хуруҷ намудани бемории мазкурро табибон то ба ҳол ба пуррагӣ муайян накардаанд, вале ҳушдор медиҳанд, ки шахсони захми меъда дошта бояд ба саломатии худ диққати ҷиддӣ диҳанд, зеро истеъмоли хӯрокҳои сахту бирёнӣ ё асабонияти шадид метавонад боиси хуруҷи шадиди беморӣ гардад. Ҳолатҳое мешаванд, ки зарурати гузаронидани ҷарроҳии фаврӣ пеш меояд. Дар сурати бидуни ҷарроҳӣ бомуваффақият бартараф карда шудани хуруҷи дард низ дар меъда ё рӯда метавонад боз як захми нав пайдо шуда, ҳазми хӯрокро душвортар созад, бинобар ин, эҳтиёт шудан шарт аст.

Чӣ бояд кард?

Пеш аз ҳама ба парҳез риоя намоед. Аз хӯрдани хӯрокҳои сахт, бирёнӣ, хамирӣ ва дигар ғизоҳои дерҳазм, махсусан равғани ҳайвонот худдорӣ намоед. Кӯшиш кунед, ки асабатон ором бошад. Ба ҳар майда-чӯйда аҳамият надиҳед, зеро яке аз сабабҳои асосии хуруҷи захми меъда асабонияти шадид мебошад.

2. БЕМОРИҲОИ РӮҲӢ

Дар моҳи апрел аксарияти одамон ба депрессия гирифтор мешаванд. Ин давра махсусан барои шахсоне, ки ба ягон бемории рӯҳӣ гирифтор ҳастанд, давраи нозук аст, зеро маъмулан дар моҳи апрел касалиҳои рӯҳӣ якбора авҷ мегиранд. Сабаби хуруҷи бемориҳои рӯҳиро табибон ба вайрон шудани соати биологӣ ва тағйирёбии реҷаи рӯшноӣ рабт медиҳанд.

Агар шахс худ ба худ якбора аз зиндагӣ дилсард гашта, дасташ ба ягон кор пеш наравад, ба худ ва аҳли оиааш бе сабаб бо назари танқидӣ нигариста, аз атрофиён канорачӯӣ намояд, хоболуд ва хаёлӣ шуда, ба ҳолати яъсу ноумедӣ гирифтор гардад, ӯро бе назорат гузоштан лозим нест, зеро ин нишонаҳо аз хуруҷи бемории рӯҳӣ дарак медиҳанд.

Чӣ бояд кард?

Табибон тавсия медиҳанд, ки дар моҳи апрел нисбат ба дигар моҳҳо як соат пештар аз вақти муқаррарӣ хоб равед. Рӯзона бештари вақти худро дар берун гузаронида, аз ҳавои тоза нафас кашед ва машқ кунед. Агар хастагии рӯҳию равонӣ (хроническая усталость) дошта бошед, бехтараш як ҳафта аз кор ҷавоб гирифта, танҳо истироҳат кунед.

3. ШАМОЛКАШӢ ВА ЗУКОМ

Ҳавои тағйирёбанда, иммунитети заиф ва ҳатто тамоси кӯтоҳ бо шахси бемор дар берун ё дар нақлиёти ҷамъиятӣ - ҳамаи ин барои бемориҳои сироятӣ ва роҳи нафас дар фасли баҳор шароити мусоид фароҳам меоранд. Аз ҳамин сабаб одамон дар моҳи апрел бештар ба зӯком гирифтор мегарданд ё шамол кашида, бемор мешаванд.

Чӣ бояд кард?

Пеш аз ҳама ба гигиенаи шахсӣ риоя намоед. Вақте аз кӯча ба хона медароед, ҳатман дастонатонро бо собун бишӯед. Хонаатонро ҳар рӯз ҷорӯб зада, бо латтаи намнок тоза кунед ва равзанаи тирезаро кушода монед, то ҳавои хона тоза шавад. Дар ёд дошта бошед, ки ҳамагӣ 5 дақиқа кушодани тирезаи метавонад консентратсияи микробҳоро дар ҳаво ба таври назаррас коҳиш диҳад.

4. АЛЛЕРГИЯ

Аллергия яке аз бемориҳои маъмултарини баҳорӣ мебошад. Аксуламали бадан ба гардолудшавӣ, ки онро бо забони тиббӣ “Поллиноз” меноманд, дар ин давра бештар одамонро азият медиҳад. Тақрибан 100 гиёҳ метавонанд боиси аллергия гарданд, аз ҳамин сабаб шумораи гирифторони беморӣ низ сол то сол меафзояд.

Чӣ бояд кард?

Муолиҷаи аллергия хеле душвор аст, бинобар ин, табибон тавсия медиҳанд, ки то соати 11 аз хона берун нашавед. Дар ҳавои офтобӣ ва шамол рӯйпӯшҳои тар ё пардаҳои докагиро дар тирезаҳо овезон намуда, онҳоро зуд-зуд иваз кунед, то ки гарди гулу дарахтон аз он нагузарад.

5. БЕМОРИҲОИ ПӮСТ

Аксарият дар фасли баҳор аз пайдо шудани ҳар хел ярачаҳо дар дасту пой ва доғ задани рӯяшон шикоят мекунанд. Бояд гуфт, ки дар моҳи апрел натанҳо дар рӯйи наврасону ҷавонон, балки дар занони 20-40-сола низ наракҳои зиёде баромада метавонанд. Албатта ин бесабаб нест. Мушкилот дар он аст, ки бинобар таҷдиди сохтори бадан таҳти таъсири омилҳои мавсимӣ, ғадудҳои равғанбарор кори худро дуруст анҷом дода наметавонанд.

Чӣ бояд кард?

Барои пешгирии мушкилоти пӯст табибон истеъмоли витаминҳоро тавсия медиҳанд. Дар сурати пайдо шудани экзема ва дигар захмҳое, ки чирку зардоб доранд ё хоришу сӯзиш мекунанд, ба табибони дерматолог муроҷиат намудан лозим аст.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар рафъи мушкилиҳое, ки ба саратон меоянд, аз дӯстону наздикон кумак пурсидан муфид хоҳад буд. Аксари ҳамалҳо бо нерӯи баланд аз ухдаи корҳои зиёд мебароянд ва боварии рохбариятро ба даст меоранд, ки ин ба беҳтар шудани вазъи молиявӣ мусоидат мекунад.



Савр
21.04 - 21.05

Нимаи аввали ҳафта ба мушкиле дучор мешавед, ки бояд мустақилона ҳал намоед ва қобилияти худро нишон диҳед. Миёнаи ҳафта барои анҷом додани корҳои батаъхирмонда хеле мувофиқ аст. Ҳушёрӣ ва худдорӣ калиди муваффақият хоҳад буд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аз рӯзи сешанбе сар карда, диққати худро ба амалӣ намудани орзуву нақшаҳо равона созед. Корҳое, ки бо дилгармӣ оғоз мекунед, бо натиҷаи хуб анҷом меёбанд. Рӯзи чоршанбе аз баъзе нобарориҳо нигарон нашавед, зеро онҳо муваққатӣ ҳастанд.



Саратон
22.06 - 23.07

Агар ба гузашта баргашта, худро бо хотираҳои ғамангез машғул созед, пешрафт душвор мегардад. Дар миёнаи ҳафта аз сафарҳои дур худдорӣ намоед. Ба саратонҳои муҷаррад тавсия дода мешавад, ки бештар дар ҷамъомадҳо иштирок кунанд.



Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта каме ноором буда, эҳтимоли ҷароҳат бардоштан вуҷуд дорад. Ҳарчанд худро қавӣ ҳис мекунед, ба саломатӣ беэътиноӣ накунед. Эҳтимоли шиддат гирифтани бемориҳои кӯҳна ва дарди сар вуҷуд дорад. Рӯзҳои охири ҳафта аз якравӣ худдорӣ кунед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта барои ҳал намудани мушкилоти пешина хеле мусоид аст. Ҳодисае дар ҷойи кор рӯй медиҳад, ки шуморо аз фикрҳои нохуш раҳо месозад ва рӯҳияатонро боло мебарад. Бо вуҷуди ин, эҳтиёткор бошед, то аз беморӣ ва ҷароҳат эмин монед.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта эҳтимоли муноқиша бо касе вуҷуд дорад ва ҳатто бо кӯшиши дурӣ ҷустан ҳам онро пешгирӣ кардан душвор мешавад. Ба бадӣ бо бадӣ ҷавоб надиҳед, вагарна вазъият бадтар мегардад. Нимаи дуюми ҳафта эҳсоси дилгирӣ аз кори якранг пайдо мешавад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта асабоният зиёд мешавад ва ҳатто чизҳои хурд метавонанд шуморо асабӣ кунанд. Кӯшиш кунед саброо нигоҳ доред. Рӯзи чоршанбе вазъият бехтар мешавад. Эҳтимоли бад шудани ҳолати равонӣ ва таъсири он ба саломатӣ вуҷуд дорад.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар ин ҳафта бодиққат ва дурандеш будан муҳим аст. Дар кор муваффақият ба даст меоред ва роҳбарият аз фаъолияти шумо қаноатманд мешавад. Рӯзи чоршанбе аз қаҳру ғазаб худдорӣ намоед. Рӯзи панҷшанбе кӯшиш кунед ба ягон ҷой дер накунед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта имкониятҳои худро дуруст арзёбӣ намуда, танҳо баъд амал кунед. Пеш аз оғози корҳои шубҳанок ҳама паҳлуҳоро бодиққат баррасӣ намоед. Рӯзи чоршанбе бе омодагии ҷиддӣ ба корҳои муҳим даст назанед. Рӯзи панҷшанбе барои харид мувофиқ аст.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта бо муноқишаҳо оғоз мешавад, бинобар ин худро идора кардан муҳим аст. Дар ин рӯзҳо рондани мошин тавсия намешавад, зеро эҳтимоли баҳс зиёд аст. Беҳтараш нерӯи манфиро ба кори муфид равона кунед. Аз сафарҳо ва муошират зиёд худдорӣ намоед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Барои онҳое, ки бо тиҷорат ва сафар машғуланд, ҳафта каме душвор хоҳад буд. Имкониятҳо маҳдуд мешаванд ва дар муошират мушкилот ба миён меояд. Ҳангоми сафар эҳтиёткор бошед, зеро хатоҳо дар ҳуҷҷатҳо ё гум кардани онҳо имкон дорад.

Нозир Ёдгорӣ:

ВУҶУДИ МАН БАРОИ ДИЛНАВОЗИСТ...

Муаррифӣ

Нозир Ёдгорӣ - нависанда, шоир ва журналисти тоҷик. Узви Иттифоқи журналистон ва нависандагони ҶТ. Барандаи Ҷоизаи ба номи Лоҳутӣ ва Ҷоизаи адабии ба номи С. Айнӣ. Дар нашрияҳои "Роҳи ленинӣ", "Адабиёт ва санъат", «Тоҷикистони советӣ» ("Ҷумҳурият") кор кардааст. Аз соли 2000-ум то соли 2026 сардори Хадамоти матбуоти ШСХК «Барқи Тоҷик» буд. Муаллифи маҷмӯаҳои "Лаҳзаи тулуъ" (1986), "Рӯ ба рӯшноӣ" (1988), "Садди оташ" (1994), "Бӯсаи мор" (2002), «Роғун - ҳамкори офтоб» (2010), «Бо симхати нур» (2019), «Дар радифи офтоб» (2020), «Ҳафтранг» (2021), «Нигоҳи гарм» (2022), «Офтоби беғуруб» (2024), «Гавҳари чашми миллат» (2026), «Сӯзанбарг» (2026) ва ғайра.



- Соли сипаригашта барои китоби «Офтоби беғуруб»-атон, ки фарогири қиссаҳо, ҳикояҳо ва очеркҳо мебошад, ба Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ сазовор гаштед. Ҷоиза ба эҷодкор чӣ медиҳад - илҳом ё масъулият?

- Албатта илҳом, он нерӯи нави эҷодӣ ҳам ном дорад. Гумон мекунам эҷодкор ҳама вақт ба дастгириву қадршиносӣ ниёз дорад, мехоҳад, ки ба асари эҷоднамудаи ӯ, ҳатто он агар лавҳае ё дубайтие бошад, таваҷҷуҳ намоянд, баҳо диҳанд.

- Устод, ба назари шумо нависандагӣ чӣ шуғлест?

- Нависандагӣ, вақте ҳоло шумо нависанда нестед ва акнун орзуи нависанда шудан доред, шуҳрату обрӯст. Вале вақте ҳақиқатан нависанда шудед, баъд мефаҳмед, ки ин чӣ бори вазнин ва чӣ масъулияти бузурге будааст. Ҳар кас ин бори вазнинро бардошта наметавонад; ё аз ин роҳ бероҳа мешавад, ё то охири умр ин борро мекашад.

- Шумо дар ду шохаи адабиёт - назму наср асар эҷод мекунед. Дар вуҷуди шумо ин ҳарду рақобате доранд?

- Ман нависандаам. Ҳамчун нависанда ба майдони адабиёт ворид шудаам. Худамро ягон бор шоир нагуфтаам ва намегӯям. Вале назмро дӯст медорам. Лаҳзае, ки ба гуфти устод Лоиқ, дар худу дар шаҳр, дар худу дар шаҳр чӣ - дар даҳр намегунҷам, чанд мисрае менависам, диламро холӣ мекунам. Барои шеър навиштан худамро асло маҷбур намекунам. Роҳи ман аз хона то кор дароз аст, қариб чил дақиқа ва аксар шеърҳои худро ҳангоми тай кардани ҳамин роҳ, дар автобус, дар телефонам менависам. Ё, гоҳе нимашабӣ бедор мешаваму дигар хобам намебарад, ба ҷои пушту паҳлу гаштан ноутбукро мекушояму ягон дубайтӣ, ки мавзуъ ва мисраҳои аввали он кайҳо боз дар хаёл чарх зада, «азоб»-ам дода истодаанд, менависам. Агар хуб барояд, даррав дар "Фейсбук" мемонам, агар не, рӯзи дигар аз нав таҳрир мекунам. Ва ин шеърҳо оҳиста-оҳиста зиёд шуда истодаанд. Ба ҳамин наздикиҳо китоби дубайтиҳоям бо унвони «Сӯзанбарг» чоп хоҳад шуд. Ҳамин тариқ, насру назм дар вуҷуди ман ягон рақобат не, балки ҳамзистии осоишта доранд ва ман онҳоро хеле дӯст медорам.

- Ҳар нафаре, ки ба арсаи адабиёт қадам мениҳад, ин ё он воқеа ба он сабаб мешавад. Шумо чӣ гуна пайроҳаи эҷодро интихоб кардед?

- Замони кӯдакӣ хонандаи мактаби миёна буданам, тамоми зодгоҳам - деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ аз Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва Рачаб Мардон ифтихор доштанд. Баъди хатми мактаби миёна (соли 1962) Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва Рачаб Мардон ба факултети филология ва таъ–рихи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳозира ДМТ) ва Ғоиб Сафарзода ба Донишгоҳи педагогии шаҳри Душанбе дохил шуданд. Эҷоди онҳо аз давраи донишҷӯӣ дар матбуот ва радио чоп ва пахш мешуд. Вақте шеър, ҳикоя ё ягон мақолаи одии ин ашхос дар матбуот чоп мешуд ё онҳо тавассути радио баромад менамуданд, ҳама - муаллимон, аз он ки онҳоро дарс додаанд, бригадири колхоз, аз он ки онҳо дар таҳи дасти «ана, ҳамин акатон!» пахта чидаанд ва бобои Тоҳир, аз рӯи он ки «Шоҳмузаффар ҳамсояашон буд ва аз ӯи соатдор чанд будани соатро пурсида, ба мактаб дер намондааст»..., ифтихор менамуданд ва сарашон ба осмон мерасид. Ман ку, эҳа! - дар назарам меомад, ки сардафтари адабиёти тамоми дунё ҳамин бародари ман аст ва то имрӯз дар тамоми олам мисли ӯ қаламбадасте ба дунё наомадааст ва дар оянда ҳам нахоҳад омад. Ин муҳит ба ман ҳам бетаъсир намонд...

- Мегӯянд, ки матбуот мактаби бузург мебошад ва дар ин мактаб қаламбадастони зиёд сабақ гирифтаанду ба камол расидаанд. Шумо низ солҳост, ки ба фаъолияти рӯзноманигорӣ машғулед. Вале Эрнест Хэмингуэй мегӯяд, ки рӯзноманигорӣ истеъдоди адиброро «мекушад». Шумо ба ин чӣ назар доред?

- Агар журналистика намебуд, ман нависанда намешудам. Журналистика барои ман мактаби бузурги омӯзиши ҳаёт аст. Ҳоло ҳам дар замири ман журналистика зиндаву саломат аст ва гоҳо дар шакли очерку маводи таҳлилӣ зуҳур менамояд. Ман, то вақте ҳастам, ба журналистика содиқ мемонам.

- Оё таҳаввулоти бузурге, ки дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии мардуми кишвари мо давоми 35 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба амал омаданд, дар эҷодиёти адибонамон ба таври бояду шояд инъикоси худро ёфтаанд?

- Ҳадафи асосии давлати мо таъмини зиндагии шоиста барои мардум аст. Ба ин ҳадаф расида истодаем. Ҳама медонем, ки дар солҳои истиқлол шумораи аҳолии мо беш аз ду баробар афзудааст. Худи ҳамин мефаҳмонад, ки зиндагии мо рӯз то рӯз беҳ шуда истодааст. Афзоиш, аз чумла афзоиши шумораи одам низ, дар ҷое сурат мегирад, ки зиндагӣ шоистаи зиндагист. Ман факту рақамҳои исботи беҳбудии зиндагиро намеорам. Инро ҳамаи мо медонем. Якду ҳарф дар бораи энергетика, ки ба ман наздик аст, мегӯям.

Дар Паёми имсола хушхабари лағви бебарқиро дар соли 2027 доданд. Ба ҳукми таърих вогузор намудани маҳдудияти барқ натиҷаи заҳмати чандсола, муносибати дурбинона ва сиёсати амиқи энергетикии Пешвои миллат аст. Як худи талоши Роғунсозӣ тадбирест, ки амалӣ шудани он имконияти расидан ба истиқлоли энергетикиро барои кишвари мо муҳайё сохт. Ин муъҷиза, ҳамчун намунаи баландтарини ҷоннисории Пешвои миллат барои рушди кишвар ва сарбаландии миллат акнун натиҷа ба бор хоҳад овард.

- Шумо дар бораи Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ва меҳнату заҳмати Пешвои миллат дар бунёди ин иншооти сарнавиштсоз очерку мақолаҳо ва ҳатто китобҳое интишор кардаед. Алъон дар бораи "Роғун" чӣ гуфтание доред?

- Тавре дар охирин арзёбии баҳои экологӣ ва иҷтимоии НБО-и "Роғун" қайд шудааст, интизор меравад, ки охирин агрегати нерӯгоҳ соли 2029 ба истифодабарӣ дода хоҳад шуд. Дар ин сол инчунин бунёди обанбори он низ пурра ба анҷом мерасад ва соли 2036 то нуқтаи ниҳоӣ аз об пур мегардад. Баъди ин, аз рӯи ҳисоби мутахассисон, ин шаҳомати энергетикӣ тӯли 115 сол ба миллати тоҷик ва тамоми минтақа хидмат хоҳад кард. Ман дар бораи "Роғун" як не, якчанд китоб навиштаам. Аз чумла, «Роғун - ҳамкори офтоб» (соли 2010), «Нурафзо» (соли 2011), «Дар талоши нур» (соли 2016), «Корнамоӣ дар марзи номус» (соли 2020). Ин кор идома дорад. Ман дар бораи "Роғун" як не, якчанд китоб навиштаам. Аз чумла, «Роғун - ҳамкори офтоб» (соли 2010), «Нурафзо» (соли 2011), «Дар талоши нур» (соли 2016), «Корнамоӣ дар марзи номус» (соли 2020). Ин кор идома дорад.

- Ҳоло ба эҷоди кадом асар машғулед?

- Китоби насрии «Гавҳари чашми миллат» ва дафтари дубайтиҳоямро бо номи «Сӯзанбарг» ба чопхона супурдам. «Се ҳадафи як зиндагӣ»-ро ба чоп омода сохта истодаам.

- Бештар кадом китобҳоро мутолиа мекунед?

- Ҳамин ҳозир китоби Мирзо Насриддин «Нони шарикӣ»-ро хонда истодаам.

- Байти дӯстдоштаи шумо?

Замин аз баҳри ман як ҷонамозест,
Вуҷуди ман барои дилнавозист.

Мусоҳиб:
Муқимҷон АЛИШЕХОВ

МАВЛУДНОМА

9 АПРЕЛ

Раҳим Сафаров (1951), 75-солагии зодрӯзи рассом.

Ислом Тоҷиев (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

10 АПРЕЛ

Зебуннисо Абдулвосиева (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Мираҳмади Амиршо (1956), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Искандар Зикриев (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Мухтор Исматов (1951), 75-солагии **зодрӯзи олими соҳаи педагогика.**

Ҷамшед Саидов (1966), 60-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Фирӯзаи Шарифзод (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир, собиқадори радио.

11 АПРЕЛ

Антонина Волхова (1931), 95-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Константин Туренко (1926-2004), 100-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

Нелли Юсуфова (1936), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

12 АПРЕЛ

Фарҳат Абдуллоев (1956), 70-солагии зодрӯзи коргардони кино.

Бозор Боронов (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Алӣ Маҳмудов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Абдулмуин Маҷидов (1931), 95-солагии зодрӯзи журналист.

13 АПРЕЛ

Абдукарим Ғанизода (1936-2020), 90-солагии зодрӯзи шоир.

Эдуард Дворетский (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Пётр Зализюк (1906-1980), 120-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

Алиҷон Маҳмудов (1956), 70-солагии узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти Тоҷикистон.

Қаршиев Мирзоолим (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

14 АПРЕЛ

Тӯлфор Қадамов (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Шоҳзамон Раҳмонов (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

15 АПРЕЛ

Муътабар Валиева (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Пӯлод Каримов (1931-2000), 95-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

Латиф Ҳадя (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Мамадиён Андӣ (1956), 70-солагии зодрӯзи сароянди эронӣ.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ҲАВЛИИ ФУРӮШӢ

➔ Хонаи монолитӣ (монолитный), 5 дар хона, веранда, ошхона 192 м.м., иншоот барои чорво 32 м.м., 30 сот. замин, дарахтони мевадор, дар наздикияш чашма, шиносномаи техникӣ, сертификат, ноҳияи Рашт, ҷ. Б. Раҳимзода, қишлоқи Каврак, саршавии дараи Камароб, имкони бо квартира дар Душанбе иваз кардан ҳаст. Тел.: 907-70-93-39

ИҶОРА МЕДИҲАМ

➔ Иҷора медиҳам, 2-ҳуҷрагӣ, Сирк, 2500 сомонӣ. Тел.: 001-33-80-33

➔ Иҷора медиҳам, 1 ҳуҷра дар ҳавлӣ, пос. Южный, бе соҳибхона, 1500 сомонӣ. Тел.: 931-47-17-13

НИЁЗ ДОРЕМ

Ба дастаи мо дӯзанда барои дӯхтани либосҳои махсус лозим аст, маоши хуб, ҷойи кори бароҳат, пардохтҳои саривақтӣ, бо имконияти баланд шудани маош ва пешрафти касбӣ, хӯроки нисфирӯзӣ аз ҳисоби корхона таъмин карда мешавад. Тел.: 935-49-00-05, 101-68-01-01

Анбордор, расонанда лозим. Вазифаҳо: расонидани мол, борбардорӣ/борфарорӣ, имзои ҳуҷҷатҳо, тартиби анбор. Талабот: синну сол 20-40, масъулиятнок, ҷисман солим, донистани шаҳр бартарӣ. Шароит: 6/1, 8:00-18:00, хӯрок дода мешавад. Тел.: 917-44-36-00

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучин ва хизматкор барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

➔ Кафшергар (сварщик) кор мечӯяд. Тел.: 900-98-50-08

МОШИНБОЗОР

Филиали Кумитаи иҷроияи Фонди байналмилалии Наҷоти Арал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши автомашинаи тамғаи HONDA CR-V, соли бароришӣ 2008-ро эълон менамояд. Нархи ибтидоӣ 18 500 сомонӣ мебошад. Ҳамаи хоҳишмандон ва ташкилотҳо метавонанд дархостҳои худро то 20-уми апрели соли 2026 пешниҳод намоянд. Барои маълумоти иловагӣ ба нишонии зерин муроҷиат кунед: Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 27 Почтаи электронӣ: tfec-ifas@mail.ru Телефон: (44) 625-52-54

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

➔ Кафелщик, дарчаспонӣ, обой, пластики сақфҳо, гипсокартон, корҳои кафшергарии барқӣ. Усто бо таҷрибаи корӣ. Тел.: 901-30-33-70

➔ Таъмири қисман ва пурраи хона. Тел.: 404-61-09-09

➔ Таъмир, бандубаст, ба қисмҳо ҷудокунии мебел. Тел.: 93-524-88-83

➔ Таъмири хона (фигурные потолки), зардеворӣ, ламинат, кафел ва шпаклёвка. Тел.: 917-98-90-42

➔ Таъмир ва азнавсозии мебели дилхоҳ. Мебел бо дархост. Тел.: 900-01-12-54, 200-303-102

Таъмири яхдон ва кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯй. Босифат, бокафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

Насби батареяҳо, ваннаҳо, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, термексҳо. Тел.: 918-722-822

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

МЕХАРАМ/ГУНОГУН

Зарфҳо, пардаҳо, курпа, курпача, қолин, палос, одеял, китоб, телевизорҳо, расмвораҳо, флягҳо, зарфҳои сирдор, кондитсионерҳо. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22

Зарфҳо, флягҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, банкаҳо, асбобҳо, қолинҳо, курпачаҳо, китобҳо, тангаҳо, нишонҳо, медал, ҳайкалчаҳо, хрустал, яхдонҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, кондитсионерҳо, коғазпора, дастгоҳҳо (станки) ва оҳанпора мехарам. Тел.: 901-03-93-93, 918-70-16-92, 119-78-93-93

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯй, мошинаи дарздузӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, қолин, флягҳо, асбобҳои давраи шуравӣ, танга ва ғайра мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздузӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шӯравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел. 988-33-73-61, 905-98-77-88

Гарнитурҳои хоб ва ошхона, зарфҳо, қолинҳо, унитазҳо, ваннаҳо ва ғайраро мехарам. Тел.: 177-10-10-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шаҳодатнома ва оинномаи ташкилоти ҷамъиятии Клуби дӯстдорони автомобилҳо ва мотосиклҳои нодир ва эксклюзивии Тоҷикистон "Авто Ретро Эксклюзив", РМА: 010097056, ки аз 29.08.2014 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Дипломи №0066445 ба номи Мубалиев Фаромуз Саркорович, соли хатм 2014, ки аз Литсейи №66-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникии қаҳвахонаи "Роҳат" ба номи Рахматов Фаридун, ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-Қалъа, деҳаи 26.5 км Душанбе - Суғд, санаи 14.02.2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ҳадяи манзили истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-103, аз 20.05.2021 ба номи Нуридинзода Дилшод Нуридин, ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Гулбоғ (Тойқара), ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Варзоб ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03409855, ба номи Сулаймонзода Лайло Саидраҳмон, ки санаи 26.11.2020 аз ШВКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Билети донишҷӯӣ ба номи Салахов Исмоилджон Шавкатович, ки соли 2025 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ҳадя аз санаи 03.09.2020, №1Ш-1394, ба номи Нуралиева Назригул Ҳасановна, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, 5-гузаргоҳи кӯчаи Р. Амаки, бинои 18, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Билети ҳарбӣ ба номи Хазраткулов Олимжон Сионкулович, серия 4659599, ки санаи 10.05.1990 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии н. Ҷ. Балхӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 9, АА№0984635, ба номи Аскарзода Абдураҳими Аскар, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №84-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтари ҳавлӣ ба номи Ашуров Саид Давронович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Сариосиё, ҳавлӣ 12, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтари ҳавлӣ ба номи Маъруфзода Каримҷони Бегиҷон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навбаҳор 2, хонаи 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Чековая книжка, MP00974010097460, ба номи Бекназарова Мавҷуда Исломовна, РМА: 037375168, ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №4288, аз санаи 31.01.2012 ба номи Нуридинзода Дилшод Нуридин, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Тойқара, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин барои истифодаи якумраи меросӣ ба номи Шарипов Нуриддин, рақами қайд 3319, дараҷаи №0354837, аз 26.03.2007, ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Тойқара, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Мирзаева Кумуш Уктамовна, РЯМ: 0730082568, РМА: 076173861, ки аз 05.08.2022 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот, Г22250, ба номи Юсупов Хайрулло Ҳафизович, ки соли 2022 аз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Рахимова Муборак, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад 72/6, кв. 9, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Рахимов Рустам, РЯМ: 0730161676, РМА: 045305385, санаи таъсис 04.94.2018, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдуллаев Ахтам, РЯМ: 0730233589, РМА: 076287715, санаи таъсис 21.11.2023, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Абубакри Иззатулло, ки соли 2019 аз Коллеҷи технологии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ Кооперативи тиҷоратии «Султонбой А», РЯМ: 330011680, РМА: 3310007415, воқеъ дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ фаъолияташро қатъ менамояд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Қосимбобо", РЯМ: 0710002178, РМА: 070007403, ки аз 11.04.2010 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Қосимбобо", РЯМ: 0710002728, РМА: 070005573, ки аз 17.04.2010 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии “Асрор”, РЯМ: 0710000638, РМА: 070007445, санаи таъсисёбӣ 15.12.2009, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

БОКС

НИШОНИ БИРИНҶИИ МИҶГОНА САМАДОВА ВА НЕКРӮЗ САЛИМОВ АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ



Дар шаҳри Улан-Батори Муғулистон Чемпионати бокси Осиё идома дорад, ки дар он муштзанҳои тоҷик соҳиби ду нишони биринҷӣ шуданд.

Дар рӯзи нуҳуми мусобиқа рақобатҳои марҳили нимниҳоӣ баргузор шуданд, ки дар ин марҳилаи мусобиқа Тоҷикистонро Миҷгона Самадова (57 кг), Некрӯз Салимов (80 кг) ва Парвиз Каримов намояндагӣ карданд.

Миҷгона Самадова дар вазни 57 кг дар марҳилаи нимниҳоӣ бо намояндаи Тайланд Пунрави Руэнрос нерӯсанҷӣ кард. Руэнроси 28-сола дорандаи нишони нуқра ва биринҷии Чемпионати ҷаҳон буда, дар Чемпионати Осиё ва Бозиҳои Осиё Нишони тило гирифтааст. Дар ин нерӯсанҷӣ Миҷгона давоми се раунд муқобили Руэнрос арзанда нерӯсанҷӣ карда, бо қарори ҷудогонаи доварон бо ҳисоби 4:1 мағлуб шуд ва соҳиби нишони биринҷӣ гардид. Барои Миҷгона Самадова ин дуюмин нишони биринҷӣ дар Чемпионати Осиё мебошад.

Некрӯз Салимов дар вазни 80 кг дар марҳилаи ҳаштякниҳоӣ намояндаи Ҷопон Кай Торийаберо тариқи нокаут шикаст дода, дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ бар намояндаи Индонезия Майихел Робеpрд Мускитаро бо ҳисоби 5:0 ғолиб омада, ба даври нимниҳоӣ роҳ ёфт. Ӯ дар марҳилаи нимниҳоӣ бо намояндаи Урдун Ҳусейн Ишаиш нерӯсанҷӣ кард. Салимов бо зарбаҳои ҳадафрас се раунд муқобили муштзани урдунӣ рақобат кард ва дар охир бо қарори ҷудогонаи доварон бо ҳисоби 4 бар 1 пирӯзӣ ба Ҳусейн Ишаиш дода шуд.

Намояндаи дигари Тоҷикистон Парвиз Каримов дар вазни то 90 кг рақобатро дар марҳилаи нимниҳоӣ оғоз карда, бар намояндаи Ҳиндустон Харш Чоудхари бо ҳисоби 4:1 пирӯзӣ ба даст оварда, ба марҳилаи ниҳоӣ роҳ ёфт. Финали мусобиқа рӯзи 10-уми апрел доир мешавад, ки Парвиз Каримов бо намояндаи Ӯзбекистон Ҳалимҷон Мамасолиев барои дарёфти унвони чемпионӣ мубориза мебарад.

КУШТӢ

ҒОЛИБОНИ МУСОБИҚАИ ҲАФТУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ҶОМИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ»

Бахшида ба Рӯзи пойтахт дар Душанбе барои дарёфти "Ҷоми раиси шаҳри Душанбе" мусобиқаи ҳафтуми байналмилалии куштӣ баргузор шуд.




Дар ин мусобиқа наздики 100 паҳлавони маъруфи зиёда аз 25 кишвари ҷаҳон дар вазнҳои то 65 кг, 78 кг, 86 кг ва +86 кг байни мардон ва бонувон дар вазни то 70 кг рақобат карданд. Дар вазни то 65 кг паҳлавони ҷавони тоҷик Ёсин Бобокалонов Нишони тилоро соҳиб шуд. Дар финал Бобокалонов бар Сарвар Абдушукурови ҳамзаминаш ғолиб омад. Нишонҳои биринҷиро намояндагони Ӯзбекистон Дилшод Буриев ва Арётм Штурбабин соҳиб гардиданд.

Дар вазни то 78 кг паҳлавони тоҷик Маҳмадшариф Наҷмиддинов Нишони тилоро аз худ кард. Нишони нуқра насиби Умид Эсанов аз Ӯзбекистон шуд. Қоим Шукронов аз Тоҷикистон ва Адилет Ахметгали аз Қазоқистон нишонҳои биринҷиро гирифтанд. Нишони тилои вазни то 86 кг ба варзишгари Ӯзбекистон Аҳрор Зиёдуллоев расид. Ҷойи дуюмро Ҳақназар Назаров аз Тоҷикистон гирифт. Ёқубҷон Назиров аз Русия ва Раҳматуллобек Фарҳодов аз Тоҷикистон нишонҳои биринҷиро соҳиб гардиданд. Дар вазни +86 кг Шоҳруххон Бахтиёров аз Ӯзбекистон ба қаҳрамонӣ расид. Дар финал бар паҳлавони Тоҷикистон Шарифҷон Назриев ғолиб омад. Нишонҳои биринҷиро Бекмурод Олтибоев аз Ӯзбекистон ва Ҳусейн Халмурзаев аз Русия соҳиб шуданд. Миёни бонувон дар вазни 70 кг нишони тилоро намояндаи Русия Камила Бодурова соҳиб шуд. Дар финал Бодурова бар ҳамватанаш ва қаҳрамони феълии мусобиқа Алена Прокопенко зафар ёфт. Алина Молдокулова аз Қирғизистон ва Юлия Гребеножко аз Украина нишонҳои биринҷиро соҳиб шуданд.

Ёдовар мешавам, ки ҷоизаи умумии мусобиқа 100 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дода, ғолибони мақоми аввал соҳиби 10 ҳазор доллар, ҷойи дуюм соҳиби 5 ҳазор доллар ва мақомҳои сеюм сазовори 2 ҳазору 500 доллари амрикоӣ шуданд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ДУҲОКИМИЯТӢ ДАР САДРИ ҶАДВАЛИ ЛИГАИ ОЛӢ



Аз аввали мавсим дар Чемпионати футболи Тоҷикистон-2026 имтиёзҳои баробар, натиҷаҳои ғайричашмдошт ва дастаҳоеро мебинем, ки барои ҷойҳои аввал мубориза мебаранд. Даври сеюм нишон дод, ки мавсим пешгӯинашаванда хоҳад буд.

Бозии байни «Ҳосилот» ва «Сардор» шадид ва диданӣ буд. Меҳмонон дар дақиқаи сеюм пешсаф шуданд, аммо «Ҳосилот» зуд ба худ омад. Бозӣ бо натиҷаи 3:2 ба охир расид ва «Ҳосилот» бо ҳафт имтиёз дар садри ҷадвал ҷой гирифт ва тасдиқ кард, ки пирӯзӣ бар КМВА тасодуфӣ набуд.

«Хуҷанд» мағлубнашуда боқӣ монд. Дар бозӣ бо «Истаравшан» бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. Ҳафт имтиёз ва ҷойи дуюм оғози хубест барои ин даста.

КМВА тадриҷан барқарор мешавад. Пирӯзии 1:0 бар Вахш, ҳарчанд бо ҳисоби камтарин аст, аммо муҳим буд. Ин метавонад як нуқтаи гардиш барои КМВА бошад, ки то ҳол дар пайи пайдо кардани бозии худ аст.

Бозии «Парвоз» бо «Регар-ТадАЗ» бо ҳисоби 0:1 бар нафъи меҳмонон ба анҷом расид. «Регар» қатъӣ ва бодиққат бозӣ карду ба дастаи навкори лига имкон надод, ки рушд кунад. Ин ҳушдор барои «Парвоз» аст, ки тадриҷан ба поёни ҷадвал фурӯ меравад.

Бузургтарин ноумедии давр мусовие буд, ки «Истиқлол» бо «Равшан» (0:0) анҷом дод. Дастаи чемпион боз ҳам дар ҳамла мушкилӣ мекашад, ки дар се давр танҳо як гол задааст. «Равшан» бо маҳорат ва боинтизом бозӣ кард ва исбот кард, ки қодир аст аз «Истиқлол» имтиёз ситонад.

Бозии пурҳаяҷонтарини давр байни «Барқчӣ» ва «Эсхата» (1:2) буд. Пас аз беголии тӯлонӣ, ахиран меҳмонон пешсаф шуданд. «Барқчӣ» дар дақиқаи 90+2 тавонист ҳисобро баробар кунад, аммо дар дақиқаи 90+10 «Эсхата» голи дигар зад ва пирӯз шуд.

Ҳоло дар садри ҷадвал «Ҳосилот» ва «Хуҷанд» бо ҳафтимтиёзӣ пашсафанд, «Вахш» бо 6 имтиёз ва «Истиқлол» бо 5 имтиёз онҳоро думболагиранд.

РЕЗААХБОР



24-уми апрел яке аз чолибтарин муҳорибаҳои касбии бокс дар Уфаи Русия баргузор мешавад. Муштзани тоҷик Баҳодур Усмонов бо Артур Субҳонқулови русиягӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ин набард барои мақоми ҳатмӣ пайдо кардан дар Федератсияи байналмилалии бокс дар вазни сабук гузаронида мешавад. Баъди ин набарди 12-раундӣ ғолиб дар ояндаи наздик ба мусобиқаи унвонӣ ва имкони мубориза барои камарбандро ба даст меорад.

***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии Ҷаъфар Ахмедов Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA)-ро бо пирӯзӣ оғоз кард. Дар оғози мусобиқа наврасони Тоҷикистон бар ҳамсолонашон аз Туркманистон бо ҳисоби 5:1 ғалаба карданд. Дар даври навбатӣ, 9-уми апрел дастаи наврасони то 16-солаи Тоҷикистон бо ҳамтоёни худ аз Қирғизистон бозӣ мекунад.

***

Лигаи футболи Тоҷикистон системаи иловагии VAR-ро харидорӣ кардааст. Ҳадафи асосии ин иқдом баланд бардоштани сифати доварӣ ва таъмини ҳадди аксари шаффофият дар қабули қарорҳои доварон гуфта мешавад. Таҷҳизот аз ширкати чинии «Rigour Tech», ки соҳиби сертификати Федератсияи байналмилалии футбол аст, дастрас шудааст. Ҳамзамон, системаи хати офсайди виртуалӣ низ ворид карда шуд, ки ба беҳтар шудани дақиқии баррасии ҳолатҳои баҳсбарангез мусоидат мекунад.

***

Дастаи футзали «Истаравшан»-и шаҳри Истаравшан ба Суперлигаи футзали Тоҷикистон бармегардад. Даста расман аз баргашт ба Суперлига дар мавсими 2026 хабар дод. Ин қадами муҳим на танҳо барои даста, балки барои ҳамаи мухлисони ин шаҳр ба ҳисоб меравад. Ширкати даста дар Суперлига бо дастгирии шаҳрдории Истаравшан амалӣ шудааст.

***

Варзишгарони паралимпии Тоҷикистон дар Фестивали III-юми байналмилалии варзиши мутобиқшуда «Импулс» - International Inclusive Games 2026, ки дар шаҳри Сочии Федератсияи Русия баргузор гардид, дар ҳисоби умумии даставӣ ҷойи дуюмро ишғол карданд. Ҷойи якум насиби дастаи Русия шуд, ҷойи сеюмро тими Ҷумҳурии Беларус ба даст овард.



ДАРДИ САР

Ҳамкорам чанд рӯз пайиҳам аз дарди сар шикоят мекард. Чӣ коре мефармудем, фақат як посух дошт:

- Сарам дард дорад.

Мундонӣ сари беморро силакунон ӯро таскин дода, ба ҳамкорон бо киноя гуфт:

- Сар сари бузург аст, аммо агар дард намекард, мо ҳатто аз буданаш дарак намеёфтем.

ФАРҚИ МАРДУ ЗАНИ ПУЛДОР

Як дӯстам зани дуюм гирифт. Аз Мундонии ҳамадон сабаб пурсидам.

- Вақте мард пулдор мешавад, ҳатман боз зан мегирад. Ин қонуни табиат аст,- посух дод Мундонӣ.

- Агар зан пулдор шавад чӣ?,- кунҷковӣ кардам боз.

- Аз шавҳари кампулаш чудо мешавад,- посух дод ӯ.

ҲАҚИ МАН ЗИЁД ШУД

Мундонӣ бо дӯсте гоҳ-гоҳ шароб менӯшид ва дар вақти соқигӣ баробариро сахт риоя мекард. Рӯзе чун шароб камтар буд, ӯ ба меҳмон камтар рехту ба худаш бештар. Меҳмон эътироз карда пурсид:

- Ҳамеша баробар мерехтӣ, аммо чаро имрӯз ҳақи ман кам шуд? Мундонӣ гуфт:

- Ҳақи ту кам нашудааст, фақат аз ман каме зиёд шуд.

МЕҲРИ ХУФТА

Мундонӣ ба бонуи шиносе тавассути интернет изҳори муҳаббат кард. Ҳар чӣ дар дил дошт, навишт ва набударо низ илова карда, ҷавобро бесаброна интизор шуд. Интизориҳояш тӯл накашид. Садое аз омадани паёмак хабар доду ӯ зуд ба хондан шуруъ кард:

- Мардак, тинҷӣ аст? Меҳри ин қадар сол набуда аз кучо пайдо шуд?

Ба чат нигарист, ки изҳори муҳаббати ӯ ба модари бачаҳо рафтааст. Мундонӣ сурху сафедшавӣ ва аракқуниҳои ӯро надида, зуд худро ба даст гирифту навишт:

- Рафиқ занак, ман як қиссаи нави ишқӣ навишта истодаам. Канӣ бин маъқул мешавад ё не?

Зан бо киноя гуфт:

- Боз ман хурсанд шудам, ки меҳри хуфтаатон бедор шудааст.

ГАРДАНБОРИК

Рухсатӣ дар деҳа фақат бо меҳмониву шаробнӯшӣ гузашт. Ҳангоми чунин як нишасте дӯсте аз Мундонӣ пурсид:

- Дар шаҳр ҳам аҳвол чунин аст ё онҷо фарқ мекунад?

- Фарқе намебинам,- гуфт Мундонӣ.- Мардони шаҳр ошиқи миёнборикҳоянд, аммо дар деҳа гарданборикро дӯст медоштаанд.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

ҒАЛАТ

Омӯзгор:

- Муродҷон, чаро ғалатҳои диктанти ту ва ҳампартаат Соро якхелаанд?

Мурод дар ҷавоб:

- Охир, муаллимамон як нафар аст ку!

ЗАНИ ҶАВОН

Аз марди пиронсоле пурсиданд:

- Амак, шармро намедонед, дар дами пирӣ занатонро партофта, зани ҷавон гирифтед?

Пирамард мегӯяд:

- Эҳ, шумо чиро мефаҳмед! Бо зани пир шабона безор шудам, барояш валидол биёр, ба биниш дору чакон, тирезаи хонаро кушода мон. Даҳшат! Бо зани ҷавон бошад, осудагӣ! Бегоҳӣ баромада меравад, саҳарӣ меояд, тамоми шаб оромона мехобӣ.

БОВАРӢ

Ҷавон ба духтари дӯстдоштааш:

- Бовар кун, агар суроғаатро медонистам, як мошин гул равон мекардам.

Духтар:

- Кӯчаи Ҳофиз, хонаи 486.

Ҷавон:

- Фақат бовар кун!

ИМКОН

- Шумо имкони ҷамъ кардани пулро доред?

- Имкон дорам, вале пул надорам!

ХОМӮШӢ

Назира, ту шавҳаратро чӣ хел хурсанд мекунӣ?

Назира:

- Баъзан хомӯш меистам!

ХОБ

Таҳмина, чаро пеш аз хоб лабатро сурх мекунӣ?

Таҳмина:

- Мабодо ба хоби ягон кас дароям...

Хислати бад

- Сараввал бигӯед, ки кадом хислатҳои бадро доред?

- Аввалаш ин ки, дар дунё одамони аз ман одамони бадтар низ ҳастанд...

МУНОСИБАТИ БОЗОРГОНӢ

Шаб зан аз шавҳар рӯ гардонд. Шавҳар бо ҳайронӣ гуфт:

- Ҳа, боз чӣ бало зад?

Зан хеле ҷиддӣ гуфт:

- Ба муносибати бозоргонӣ мегузарем.

РАШКИ ЗАН

Зан аз шавҳар мепурсад:

- Маъшуқаат кист?

Мард ҳайрон шуда:

- Занак, девона шудай?

Зан боз мегӯяд:

- Ман аз ту пурсида истодаам, ки ба хотири кадом мурчамиён худатро орову торо додӣ? Маро содаву гумроҳ напиндор! То шамол нашавад, барги дарахт намеҷунбад!

Мард дар ҷавоб:

- Занак, ту сиҳату саломатӣ? Кадом шамол, кадом дарахт, ман танҳо чӯроби даридаамро партофта, навашро пӯшидам.

ТИРЕЗАШӮ

Табиб ба бемор баъди наркоз мегӯяд:

- Ҷарроҳиро шумо хуб гузаронидед, вале қабл аз он хеле беадабӣ кардед, доду фиғон карда, гурехтанӣ шудед.

Бемор мегӯяд:

- Духтур, охир маро ба беморхонаи шумо тирезашӯӣ оварда буданд!

Таҳияи НОДИРА

Сканворд

